*Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун*

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 146 (4729) | ДУШАНБЕ, 27 НОЯБРИ СОЛИ 2023 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад



## САФАРИ КОРИИ МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БА ҶУМҲУРИИ ОЗАРБОЙҶОН



**(Идома аз шумораи гузашта)**

**24-уми ноябри соли 2023 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Бокуи Ҷумҳурии Озарбойҷон аз Намоишгоҳи маҳсулот, хизматрасонӣ ва навовариҳои Барномаи махсуси Созмони Милали Муттаҳид барои иқтисодиёти Осиёи Марказӣ (СПЕКА) дидан намуданд.**

Иттилоъ дода шуд, ки Намоишгоҳи маҳсулот, хизматрасонӣ ва навовариҳои кишварҳои аъзои СПЕКА дар ҳошияи саммити Барномаи махсуси Созмони Милали Муттаҳид барои иқтисодиёти Осиёи Марказӣ аз 22 то 25 ноябр баргузор гардид. Иштирокчиёни намоиш - давлатҳои аъзои СПЕКА, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар «Маркази ЭКСПО-и ба номи Гейдар Алиев» павилионҳоро бо тарҳи миллӣ оро дода, молу маҳсулоти ватаниро ба маъраз гузоштанд.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз павилиони кишварҳои аъзои СПЕКА – ҷумҳуриҳои Озарбойҷон, Қазоқистон, Қирғизистон, Туркманистон ва Ӯзбекистон боздид намуданд.

Бояд гуфт, ки СПЕКА соли 1998 таъсис ёфта, ҷумҳуриҳои Тоҷикистон, Озарбойҷон, Қазоқистон, Қирғизистон, Ӯзбекистон, Туркманистон ва Ҷумҳурии Исломии Афғонистон давлатҳои иштирокчии он ба ҳисоб мераванд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон павилиони худро дар масоҳати 250 метри мураббаъ бо тарҳу услуби замонавӣ ва бо нақшу нигори миллӣ оро дода, маҳсулоти ватанӣ, аз ҷумла молҳои саноати сабук, саноати хӯрокворӣ, масолеҳи сохтмонӣ, нассоҷӣ ва ҳунарҳои мардумиро, ба намоиш гузошт. Ҳадаф аз иштироки Тоҷикистон дар чорабинии мазкур ҷалби сармоя, муаррифии иқтидори молу маҳсулоти ба содирот нигаронидашуда, дарёфти шариконӣ нав ва бозорҳои содиротӣ мебошад.

Дар намоишгоҳ зиёда аз 50 ширкату корхонаи ватанӣ ва беш аз 30 намояндаи бахши хусусӣ, ҳунармандон ва намояндагони вазорату идораҳои кишвар маҳсулоти худро муаррифӣ карданд.

Ҳамзамон, намунаи корҳои бaанҷомрасонидашуда ва нақшаҳои оянда вобаста ба рақамикунонии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешкаши меҳмонони намоишгоҳ карда шуд.

Бояд гуфт, ки 22-юми ноябри соли равон Президенти Ҷумҳурии Озарбойҷон Илҳом Алиев аз Павилиони Ҷумҳурии Тоҷикистон дидан намуда, бо молу маҳсулоти ватанӣ шинос шуданд.

Зимни боздид ба Роҳбари кишвари мизбон вобаста ба раванди саноатикунонии кишвар, аз ҷумла истеҳсоли маҳсулоти коркардшуда ва неъматҳои моддии Тоҷикистон, маълумоти муфассал дода шуда, намунаи ҳунарҳои мардумӣ муаррифӣ гардид.

Мавриди зикр аст, ки дар доираи баргузории ҳафтаи Барномаи махсуси Созмони Милали Муттаҳид барои иқтисодиёти Осиёи Марказӣ (СПЕКА) форуми иқтисодӣ, вохӯриҳои дуҷониба миёни доираи соҳибкорони кишварҳои аъзои СПЕКА ва дигар чорабиниҳои иқтисодию тиҷоратӣ сурат гирифт.

Боиси хушнудист, ки давоми солҳои соҳибистиқлолӣ бо талошҳои пайваста ва сиёсати хирадмандонаи сарони давлатҳои Тоҷикистону Озарбойҷон робитаҳои ҳар ду кишвар ба сатҳу сифати нав баромада, дар ҳама соҳа пешравиҳои амиқ ба назар мерасад.

Пас аз боздид аз Намоишгоҳи маҳсулот, хизматрасонӣ ва навовариҳои кишварҳои аъзои СПЕКА Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба роҳбарони вазорату идораҳои давлатӣ ва дигар масъулони ҷумҳурӣ супориш доданд, ки бо истифода аз ин имконот барои густариши муносибатҳои тиҷоратию иқтисодӣ байни ҳар ду кишвар, дарёфти шарикон ва афзоиши содироти молу маҳсулоти ватанӣ тадбирҳои мушаххас андешанд.

**24-уми ноябри соли 2023 дар шаҳри Боку - пойтахти Ҷумҳурии Озарбойҷон Саммити Барномаи махсуси СММ барои иқтисодиёти Осиёи Марказӣ (СПЕКА) баргузор гардид.**

Дар кори саммити мазкур Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иштирок ва суханронӣ намуданд.

Дар оғози суханронӣ Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Президенти Ҷумҳурии Озарбойҷон муҳтарам Илҳом Алиев барои дар сатҳи баланд доир намудани саммит ва меҳмоннавозии гарм ибрози миннатдорӣ намуда, ҳамзамон Озарбойҷони бародарро бо мизбонии бомуваффақона дар СПЕКА муборакбод гуфтанд.

Роҳбари давлат таъкид карданд, ки Тоҷикистон ба таҳкими ҳамкориҳои барои ҷонибҳо судманд дар чаҳорчӯбаи СПЕКА аҳамияти хоса медиҳад. Дар робита ба ин қайд гардид, ки тақрибан 30 фоизи гардиши савдои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба кишварҳои аъзои СПЕКА рост меояд. Бештари кишварҳои иштирокчии СПЕКА дар миёни шарикони тиҷоратию иқтисодии ҷумҳурӣ мавқеи пешсафро ишғол намуда, гардиши савдои хориҷии Тоҷикистон бо кишварҳои СПЕКА дар соли гузашта 24 дарсад афзоиш ёфтааст. Қайд гардид, ки кишварҳои аъзои СПЕКА дорои захираҳои бузурги меҳнатӣ, табиӣ ва имкониятҳои фарохи энергетикӣ, нақлиётӣ ва коммуникатсионӣ мебошанд.

Сарвари давлат аз таъсиси Фонди трастии СПЕКА пазироӣ намуда, пешниҳод карданд, ки дар солҳои оянда ба чунин самтҳои афзалиятнок, аз қабили содагардонии расмиёти савдо ва бартараф намудани монеаҳои сунъӣ, тавсеаи долонҳои гуногунвасилаи нақлиётию иқтисодӣ, рушди «иқтисодиёти сабз» ва рақамикунонӣ, таваҷҷуҳ зоҳир карда шавад. Дар робита ба ин, Тоҷикистон масъалаи таъсиси Котиботи СПЕКА-ро ҷонибдорӣ мекунад.

Зикр гардид, ки тайи солҳои охир дар Тоҷикистон ҷиҳати содагардонии расмиёти савдо як қатор ислоҳоти назаррас амалӣ карда шуд.

Имрӯз дар Портали савдои Тоҷикистон ним миллион истифодабаранда - беш аз 100 кишвари ҷаҳон сабти ном шудаанд, ки аҳамияти онро бори дигар тасдиқ мекунад.

Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид доштанд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи «энергияи сабз» ва умуман, «иқтисоди сабз» ба дастовардҳои хуб ноил шудааст. Айни замон, 98 фоизи неруи барқи кишвар дар неругоҳҳои барқи обӣ истеҳсол мегардад ва Тоҷикистон аз ҷиҳати «энергияи сабз» дар ҷаҳон ҷои шашумро ишғол намуда, дар чаҳорчӯбаи «Стратегияи рушди «иқтисоди сабз» барои солҳои 2023-2037» ният дорад иқтидори «энергияи сабз»-ро ба 10 ҳазор мегаватт расонад.

Бо назардошти ин, Пешвои миллат пешниҳод намуданд, ки СПЕКА ҷиҳати таъмини рушди иқтисодӣ, ҳамгироии минтақавӣ, пешгирии таъсири манфии тағйирёбии иқлим ба бахшҳои иқтисоди миллӣ ва мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим ба рушди «энергияи сабз» таваҷҷуҳи хоса зоҳир намояд.

Президенти ҷумҳурӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи раёсати Тоҷикистон дар СПЕКА дар соли 2024» иттилоъ доданд. Дар доираи Консепсияи раёсати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нақшаи татбиқи он афзалиятҳо ба таҳкими натиҷаҳои мавҷуда ва таъмини дастовардҳои нав равона карда мешаванд.

Баъди анҷоми нишаст сарони давлатҳои иштирокчиёни СПЕКА Эъломияи Бокуро қабул карданд.

**www.prezident.tj**

## ТОҶИКИСТОН АФЗОИШИ ҲАМКОРИҲОРО, КИ ЯКЕ АЗ АФЗАЛИЯТҲОИ ФАЪОЛИЯТИ БАРНОМАИ СПЕКА МЕБОШАД, МУҲИМ МЕДОНАД

**Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар саммити Барномаи махсуси СММ барои иқтисодиёти Осиёи Марказӣ (СПЕКА)**

**Озарбойҷон, 24-уми ноябри соли 2023**

**Муҳтарам Илҳом Алиевич!**
**Ҳамкасбони муҳтарам!**
**Дӯстони гиромӣ!**

Қабл аз ҳама, миннатдории амиқи худро ба Президенти Ҷумҳурии Озарбойҷон муҳтарам Илҳом Гейдарович Алиев барои меҳмоннавозии анъанавӣ ва дар сатҳи баланд доир намудани саммит иброз менамоям.

Озарбойҷони бародарро бо раёсати муваффақона дар Барномаи махсуси СММ барои иқтисодиёти Осиёи Марказӣ (СПЕКА) муборакбод мегӯям. Инчунин, ба комиссияҳои минтақавии Созмони Милали Муттаҳид барои саъю талошҳои бисёрсолаашон дар самти дастгирии техникӣ ва дигар кумакҳо ба фаъолияти СПЕКА арзи ташаккур менамоям. Имсол мо солгарди таъсисёбии Барномаи махсуси СММ барои иқтисодиёти Осиёи Марказӣ (СПЕКА)-ро ҷашн мегирем.

Тайи бисту панҷ соли гузашта сохтори мазкур дар рушди ҳамкориҳои иқтисодии байни кишварҳои иштирокчӣ саҳми муайян гузошт. Фаъолияти он ба мусоидат кардан дар истифодаи оқилонаи захира ва имкониятҳои мавҷуда ҷиҳати рушди устувори ҳар як кишвар ва минтақа, дар маҷмӯъ, равона шуда буд.

Тоҷикистон ба таҳкими ҳамкориҳои барои ҷонибҳо судманд дар чорчӯбаи Барномаи СПЕКА аҳамияти ҷиддӣ медиҳад.

Аз рӯзҳои аввали таъсисёбии Барномаи СПЕКА намояндагони кишвари мо дар кори он фаъолона иштирок менамоянд. Кишварҳои иштирокчӣ дорои захираҳои бузурги неруи корию табиӣ, зарфиятҳои қобили таваҷҷуҳи энергетикӣ ва нақлиётию коммуникатсионӣ мебошанд. Аз ин рӯ, вазифаи мо дар марҳилаи пешомад бояд аз истифодаи бештар самараноки ин саҳнаи нодири ҳамкорӣ барои пешбурди фаъоли ҳамгироии минтақавӣ дар ҳамаи самтҳои мазкур иборат бошад.

Мақсаду вазифаҳои СПЕКА ба авлавиятҳои иқтисоди миллӣ ва ҳадафҳои «Стратегияи миллии рушди Тоҷикистон то соли 2030» мутобиқат мекунанд. Дар ин замина, Тоҷикистон афзоиши ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодиро бо кишварҳои минтақа, ки яке аз афзалиятҳои фаъолияти Барномаи СПЕКА мебошад, муҳим медонад. Вазни хоси ҳамаи кишварҳои иштирокчии Барномаи СПЕКА дар тиҷорати хориҷии Тоҷикистон қариб 26 фоизи ҳаҷми умумии онро ташкил медиҳад.

Кишвари мо, ҳамчун раиси Гурӯҳи СПЕКА оид ба савдо ба рушди устувори мубодилаи мол байни кишварҳои минтақа саҳми худро мегузорад. Мо ба амалан ҷорӣ намудани расмиёти сода кардани савдо дар доираи татбиқи стратегияи дахлдори Барномаи СПЕКА аҳамияти муҳим медиҳем.

Мо бар онем, ки ин санад ба татбиқи амалии меъёру стандартҳо ва тавсияҳои марбут ба истифодаи таҷрибаи пешрафта дар ин соҳа мусоидат хоҳад кард.

Тоҷикистон алоқаманди истифодаи ҳамаи василаҳо ҷиҳати тавсеаи имкониятҳои тиҷорат бо кишварҳои иштирокчӣ мебошад. Ба афзоиши ҳаҷми тиҷорати мутақобила, бешубҳа, тавсеаи робитаҳои нақлиётӣ мусоидат хоҳад кард. Вобаста ба ин, мусоидат ба кишварҳои иштирокчии Барномаи СПЕКА ҷиҳати рушди зерсохторҳои нақлиётӣ иқдоми саривақтӣ мебошад. Дар ин замина пайвастани онҳо ба долонҳои нақлиётию коммуникатсионӣ, ҳамчунин сода ва гуногунсамт кардани хатсайрҳои нақлиётӣ низ хеле муҳим аст.

Инчунин, пешниҳод менамоем, ки имконияти ҳамгироии фаъолияти марказҳои тақсимоти яклухт дар минтақа мавриди баррасӣ қарор гиранд. Ташаббуси мазкур ба интиқоли бефосилаи маҳсулоти кишоварзӣ миёни кишварҳо, зиёд кардани содироти онҳо ба кишварҳои сеюм ва дар маҷмӯъ, афзоиши тиҷорати мутақобила дар дохили минтақа мусоидат хоҳад кард.

**Иштирокчиёни муҳтарам!**

Истифодаи оқилона ва самараноки захираҳои обию энергетикии Осиёи Марказӣ ҳамчун афзалияти дигари фаъолияти Барномаи СПЕКА муайян шудааст. Дар ин самт мо омодаем, ки бо ҳамаи тарафҳои манфиатдор ҳамкории созандаю судмандро ба роҳ монем.

Мо ният дорем, ки дар оянда иқтидори истеҳсоли «энергия сабз»-и аз ҷиҳати экологӣ тозаро ҳамчун заминаи асосии пешбурди «иқтисоди сабз» ду баробар афзоиш диҳем.

Ба таври самаранок мавриди истифодаи минбаъда қарор додани захираҳои гидроэнергетикии Тоҷикистон, аз ҷумла бо иштироки кишварҳои иштирокчии Барномаи СПЕКА, метавонад ба рушди бозори умумии манбаъҳои таҷдидшавандаи энергия дар минтақа саҳми назаррас гузорад.

Тағйирёбии иқлим ҳамчун таҳдиди ҷиддӣ барои минтақаи Барномаи СПЕКА боқӣ мемонад. Яке аз нишондиҳандаҳои ин раванд харобшавии манбаъҳои захираҳои об ба шумор меравад, ки дар навбати худ ба таври маҷмӯъ дар рушди иҷтимоию иқтисодии кишварҳои мо нақши муҳим доранд. Аз ин рӯ, масъалаҳои ҳифз ва истифодаи оқилонаи манбаъҳои об ва дигар захираҳои табиӣ бояд дар маркази рӯзномаи кори Барномаи СПЕКА боқӣ бимонанд. Вобаста ба ин, таъсиси абзорҳои дахлдори ҳамкориро дар ин самтҳо дар доираи Барномаи СПЕКА зарур мешуморем.

**Иштирокчиёни муҳтарам!**

Дар марҳалаи дарпешистода дар амал ҷорӣ намудани зеҳни сунъӣ метавонад яке аз самтҳои дигари ҳамкориҳо дар доираи Барномаи СПЕКА бошад.

Дар чорчӯбаи «Стратегияи рушди зеҳни сунъӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2040», ки соли гузашта қабул гардидааст, кишвари мо дар ин самт иқдомоти мушаххас андешида истодааст.

Пешниҳод дорем, ки дар пойтахти Тоҷикистон Маркази СПЕКА оид ба рушди зеҳни сунъӣ таъсис дода шавад. Истифодаи васеи технологияҳои рақамӣ ҷузъи таркибии рушди иқтисоди кишварҳои мо мебошад.

Мо дар Тоҷикистон ҷиҳати марҳила ба марҳила рақамӣ кардани ҳамаи соҳаҳои иқтисод, идораи давлатӣ ва бизнес саъю талоши зарурӣ ба харҷ дода истодаем. Консепсия ва барномаи рушди «иқтисоди рақамӣ» қабул шудаанд.

Пешниҳод дорем, ки дар чорчӯбаи Барномаи СПЕКА ҳамкории ҷонибҳо ҷиҳати рақамикунонии мубодилаи гуногунвасилаи маълумот ва санадҳо оид ба самтҳои транзитӣ дар долонҳои минтақавии нақлиётӣ фаъол карда шавад.

Омодагии худро ҷиҳати гузаштан ба ҳамкории бештар сифатноки кишварҳоямон дар соҳаи тиҷорати электронӣ бо мақсади ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои иштирокчиёни фаъолияти тиҷоратӣ изҳор менамоем.

Бо мақсади тақвияти ин раванд андешидани чораҳои заруриро оид ба татбиқи лоиҳаҳои муштараки таъсиси паркҳои технологӣ ва омода кардани мутахассисони касбии соҳаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ мувофиқи мақсад медонем.

**Ҳозирини муҳтарам!**

Ба туфайли ҳамкорӣ дар чорчӯбаи Барномаи СПЕКА тайи давраи сипаришуда мо таҷрибаи зиёд андӯхтем, ки онро метавонем барои мутобиқсозии фаъолияти он ба тамоюлҳои ҷаҳони муосир истифода барем. Дар ин робита Тоҷикистон ҷонибдори ғояи таъсис додани Котиботи СПЕКА мебошад.

Мо бар онем, ки фаъолияти мақоми нави доимӣ бояд тибқи авлавиятҳои рушди иқтисодии ҳамаи кишварҳои иштирокчӣ сурат гирад. Омодаем, ки пешниҳодҳоро оид ба сиға ва макони ҷойгиршавии Котиботи СПЕКА ба таври созанда баррасӣ намоем.

Ба назари мо вақти он расидааст, ки дар доираи Барномаи СПЕКА лоиҳаҳои муштараки, воқеан, амалкунанда ба татбиқ расонида шаванд.

Мо ғояи таъсис додани Бунёди мақсадноки СПЕКА-ро ба мақсади сафарбар намудан ва ҷалби захираҳои молиявии кишварҳои иштирокчӣ ва созмонҳои донорӣ барои татбиқи лоиҳаҳо дар давлатҳои иштирокчии Барномаи СПЕКА дастгирӣ менамоем.

Мехоҳам махсус зикр намоям, ки шахсан Шумо, муҳтарам Илҳом Ҳайдарович, дар фаъолияти СПЕКА ба ду дастоварди муҳим ноил гардидед. Якум, дар 25 соли таърихи СПЕКА бори нахуст онро ба сатҳи сарони давлатҳои иштирокдор боло бурдед. Дуюм, сарфи назар аз муддати тӯлонии идома ёфтани масъалаи таъсиси Фонди эътимоди СПЕКА, ба Шумо муяссар шуд, ки дар давоми як соли раёсати худ онро муваффақона ҳал намоед.

**Ҳамкасбони гиромӣ!**

Дар фарҷом мехостам миннатдории худро ҷиҳати дастгирии раёсати Тоҷикистон дар СПЕКА барои солиояндаи 2024 изҳор намоям. Омодагии худро ҷиҳати дар якҷоягӣ бо кишварҳои иштирокчӣ гузоштани саҳми сазовор дар ноил гардидан ба вазифаҳое, ки дар чорчӯбаи Барномаи СПЕКА муайян шудаанд, иброз менамоем.

**Аз таваҷҷуҳатон сипосгузорам.**

# НЕРУГОҲИ ОФТОБӢ ДАР НУҚТАИ БАЛАНДТАРИНИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ



**Дар зарфи 32 соли соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон раванди ободонию созандагӣ дар ҳар як гӯшаю канори Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ба таври назаррас мушоҳида мегардад. Ноҳияи Мурғоб, ки яке аз дурдасттарин ноҳия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад, бо дастуру ҳидоятҳои Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон рӯз аз рӯз рушд ёфта, дар ин минтақаи баландкӯҳи кишвар иншооти таъиноти гуногун сохта, мавриди баҳрабардорӣ қарор дода шудаанд.**

Имрӯзҳо ноҳия ба рӯйхати минтақаҳои афзалиятноки мамлакат шомил гардида, дар доираи сафари Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон 10 иншооти аҳамияти иқтисодию иҷтимоидошта мавриди баҳрабардорӣ қарор дода шуданд. Бунёд ва ба истифода додани майдони Нишони давлатӣ, Парчами давлатӣ, Боғи фароғатию истироҳатӣ, Маркази тавонбахшӣ аз ҷумлаи онҳо мебошанд.

Таъмини аҳолии деҳаҳои дурдаст бо «неруи сабз» мавқеи устувор дошта, ба беҳбудии сатҳу сифати зиндагии сокинони деҳот ва рушди дигар бахшҳои иқтисодии ноҳия такони хубе хоҳад бахшид.

Ноҳия иқлими ба худ хос дошта, зимистонаш қаҳратун мебошад. Аз ин сабаб Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барномаи бо «энергияи сабз» таъмин кардани ноҳияро тарҳрезӣ намуда, дар чанд соли охир муваффақ ҳам гашт. Ба ин васила, садҳо иншооти таъиноти иқтисодию иҷтимоидошта бунёд гардида, шароити хуби кор муҳайё шудааст.

Дар баробари ифтитоҳи як зумра иншоот, аз қабили Неругоҳи барқи обии «Тоҷикистон», бахшида ба ҷашни Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳия бо дастгирии Ҳукумати мамлакат ва шарикони рушд неругоҳи офтобӣ бо тавоноии 600 кВт мавриди баҳрабардорӣ қарор дода шуд. Лоиҳакаш ва пудратчии иншоот ҶДММ «Памирэнергосервис» буда, корҳои сохтмонӣ дар иншоот аз моҳи апрели соли 2023 оғоз гардиданд. Ин неругоҳи офтобӣ дар Осиёи Марказӣ дар нуқтаи баландтарин сохта шуда, ҳамто надорад.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади пурра бартараф намудани мушкилоти норасоии неруи барқ дар деҳаҳои дурдасти ноҳияи Мурғоб бо харҷи маблағи беш аз 1 миллиону 379 ҳазор доллар дар ҳамдастӣ бо шарикони рушд ба бунёди неругоҳи офтобӣ шурӯъ намуд. Ба ин мақсад дар деҳоти ноҳия 1060 панели офтобӣ васл гардид. Бо васлу насби панелҳои офтобӣ таъминоти неруи барқ ба сокинони ин ноҳия ба тадриҷ беҳтар гардида, фаъолияти коргоҳу корхонаҳои нави саноатӣ беҳбудӣ хоҳад ёфт.

Неругоҳи барқи офтобии «Мурғоб» нахустин лоиҳаи саноатӣ дар миқёси кишвар мебошад, ки метавонад аз ҷониби ширкатҳои энергетикӣ ва ташкилотҳои донорӣ дар дигар соҳаҳо истифода шавад.

Имрӯз бо боварӣ бояд гуфт, ки Ҳукумати мамлакат дар солҳои минбаъда ноҳияи Мурғобро бо барқи устувор таъмин карда, ба рушду пешрафти минбаъдаи иқтисодиёту иҷтимоиёти ин минтақаи баландкӯҳ ва умуман вилоят шароити васеъ фароҳам хоҳад овард. Аз таҷрибае, ки дар натиҷаи бунёди Неругоҳи барқи офтобии «Мурғоб» ба даст омад, минбаъд метавон тибқи он, дар ҷумҳурӣ соҳаи энергияи тозаро афзоиш дод. Минбаъд ширкати «Помирэнерҷи» кӯшиш дорад, ки деҳаҳои дурдасти вилоятро бо чунин тарз бо неруи барқи офтобӣ таъмин намояд.

Баҳри дар сатҳи баланд таҷлил намудани Ҷашни 35 - солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳияи Мурғоб сохтмони 107 иншооти таъиноти гуногун бо маблағи харҷномавии беш аз 125 миллион сомонӣ бомаром идома дорад.

Дар муддати кӯтоҳ дар маркази ноҳия - шаҳраки Мурғоб ва ҷамоати деҳот бунгоҳҳои тиббӣ, инфрасохтори соҳаи сайёҳӣ, муассисаҳои нави таълимӣ, коргоҳу корхонаҳои саноатӣ ва иншооти ҳаётан муҳим бунёд гардида, мардуми шарафманду сарбаланди ноҳия зери сиёсати оқилона ва хирадмандонаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зиндагии осудаҳолона доранд. Сокинони баландкӯҳи Мурғоб аз рушду пешрафти ноҳия дар замони соҳибистиқлолии мамлакат изҳори қаноатмандӣ намуда, ба Ҳукумати кишвар ҷиҳати таъмини зиндагии шоиста ва рушду пешрафти тамоми бахшҳои ҳаётан муҳим, хоса таъмини аҳолӣ бо «неруи «сабз»-и офтобӣ, арзи сипос баён менамоянд.

**Ш. ШОҲҚОСИМОВ,**
**ноҳияи Мурғоб**

**Дар кишвар маъракаи ҷамъоварии ҳосили пахта идома дорад. Мушоҳида мешавад, ки одатан зимни пешниҳоди маълумот оид ба вазъи корҳо дар саҳро мутасаддиёни соҳа аз оморҳои муқоисавӣ васеъ истифода мебаранд.**

Раиси Ассотсиатсияи хоҷагиҳои деҳқонии шаҳри Ҳисор Фаришта Давлатова иброз дошт, ки деҳқонони шаҳри Ҳисор соли ҷорӣ дар 1100 гектар пахта кишт кардаанд, ки нисбат ба соли гузашта 43 гектар зиёд мебошад. Тибқи нақша, пахтакоронро лозим меояд, ки нисбат ба нақшаи соли гузашта, ки 2529 тоннаро ташкил медод, 15 тонна зиёдтар «тиллои сафед» ҷамъоварӣ намоянд.

# ПАХТА МУҲИМ АСТ, АММО...



Соли гузашта ба пахтакорони хоҷагиҳои шаҳри Ҳисор муяссар гашта буд, ки ҳамагӣ 81 фоизи нақшаро иҷро намоянд. Мутаассифона, имсол низ вазъ чандон хуб нест, зеро то ҳол дар хоҷагиҳо 1535 тонна ё 60,34 фоиз пахта ҷамъоварӣ шудаасту халос. Ҳосилнокӣ ба ҳисоби миёна аз ҳар гектар то ин дам 22,7 сентнерро ташкил медиҳад.

- Дар мавриди аз як гектар замини пахта 25 сентнер кам гирифтани ҳосил дараҷаи даромаднокии он ба сифр баробар мешавад, - гуфт Фаришта Давлатова.

Сабаби ақибмониро дар мавриди ҷамъоварии ҳосил мутахассиси соҳа ба он нисбат дод, ки баҳори соли ҷорӣ ба деҳқонон истифодаи тухмии туркии навъи «Lotus» тавсия шуда буд, вале он мутобиқ набуданашро ба иқлими мо нишон дода, пахтакорон маҷбур шуданд, ки кишти такрорӣ гузаронида, тахминан як моҳ вақтро аз даст диҳанд.

Соли гузашта як килограмм пахта 11-12 сомонӣ харидорӣ мешуд. Имрӯз нархи 1 кг пахта дар Ҳисор 5-6 сомонӣ аст, ки ин ҳавасмандии хоҷагиҳои пахтакорро дар таъмини дурнамои кишт ва истеҳсоли пахта дар оянда заиф мегардонад.

Ба иттилои ҳамсуҳбатам, як қисми кишоварзон бо назардошти паст будани нархи хариди пахта маҳсулотро ба корхонаҳои коркарди маҳаллӣ насупорида, онро бо сарфи калони роҳкиро ба вилоятҳои Хатлону Суғд ирсол менамоянд ё то боло рафтани нарх дар хонаҳояшон нигоҳ медоранд.

Дар интиҳои суҳбат раиси Ассотсиатсияи хоҷагиҳои деҳқонии шаҳри Ҳисор Фаришта Давлатова ҳамфикр буданашро ба пешниҳоди коршиносон оид ба муқаррар намудани нархҳои тавсиявии хариди пахта бо назардошти хароҷот ва хусусиятҳои ҳар минтақа баён намуд.

**Сайидо НАЗАРОВ, «Садои мардум»**

Бонги изтироб

# «ХАТЛОН»-И БОХТАР БА МУШКИЛОТИ МОЛИЯВӢ МУВОҶЕҲ ШУДААСТ

**Яке аз дастаҳои сермухлису як замон овозадори футболи мамлакат «Хатлон»-и шаҳри Бохтар тайи чанд соли охир ба мушкилоти молиявӣ гирифтор шудааст. Ин дар ҳолест, ки аксар бозингарони калидӣ дастаро тарк намуданд, ки дар даврони соҳибистиқлолӣ «Хатлон» аввалин маротиба Лигаи олии мамлакатро тарк намуд.**

Клуби футболи «Хатлон» соли 1960 бо номи «Вахш» таъсис ёфта буд ва солҳои тӯлонӣ дар Лигаи дуюми чемпионати собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ бозӣ кардааст. Баъди барҳам хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ даста дар Лигаи олии Тоҷикистон ҳунарнамоӣ карда, чандин маротиба ба гирифтани унвони қаҳрамонӣ соҳиб гардидааст.

Барои шароити мусоид фароҳам овардан барои даста соли 2018 Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Бохтар сарпарастии дастаро ба уҳда гирифт ва номи онро аз «Вахш»-и Қӯрғонтеппа ба Муассисаи давлатии клуби футболи «Хатлон»-и шаҳри Бохтар иваз намуд. Ҳамон сол аз буҷети шаҳр барои ин даста 1,3 миллион сомонӣ ҷудо гардида, он бо нақлиёти махсус таъмин карда шуд.

Аз соли 2018 то инҷониб гарчанде ҳамасола буҷети дастаи «Хатлон» зиёд мешуд, аммо даста ба ягон натиҷаи мусбат ноил намегардид. Охирин дастоварде, ки дастаи «Хатлон» ба даст оварда буд, медалҳои биринҷии мусобиқоти футбол барои Ҷоми Федератсияи футболи Тоҷикистон дар соли 2016 буд.

Тайи ду - се соли охир даста зинаҳои поёнии ҷадвали мусобиқоти мамлакатро касб мекунад. Бо сабаби норасоии маблағ дар оғози мавсим бозигарони калидии даста тарки он карданд. Баъди нокомиҳои пай дар пай сармураббии даста Аслиддин Ҳабибуллоев низ моҳи сентябри соли равон аз мақомаш истеъфо дод.

Чӣ дар даврони Иттиҳоди Шӯравӣ ва чӣ дар замони соҳибистиқлолии мамлакат дастаи «Хатлон» таъминкунандаи беҳтарин бозигарони дастаи овозадори «Помир» ва тими миллии мунтахаби кишвар буд, аммо аз 24 бозигаре, ки соли ҷорӣ ба ҳайати мунтахаби Тоҷикистон шомил гардиданд, ягон нафараш аз дастаи «Хатлон» нест.

Ба иттилои сардори шуъбаи хазинадории Раёсати молияи шаҳри Бохтар Шуҳрат Бозорзода аз соли 2018 то кунун ҳамасола буҷети дастаи «Хатлон» зиёд мешавад. Аз 1,3 миллион сомонии соли 2018 маблағи буҷети даста дар соли 2023 ба 2 миллиону 88 ҳазор сомонӣ расидааст.

- Соли ҷорӣ барои даста 1 миллиону 769 ҳазор сомонӣ ҷудо гардида, маблағи боқимонда то охири сол пардохт карда мешавад. Ҳар сол буҷети шаҳр ба андозаи 6 фоиз зиёд мегардад ва мо тамоми хароҷоти муассисаҳои буҷетии шаҳр, аз ҷумла дастаи футболи «Хатлон» - ро низ ҳар сол 6 фоиз афзоиш медиҳем, вале даста бояд дар баробари маблағҳои буҷетӣ спонсор ҳам дошта бошад. Бо як маблағи буҷет тамоми хароҷоту нигоҳдории даста ғайриимкон аст, - гуфт Ш. Бозорзода.

Мухлиси футбол, сокини ноҳияи Кӯшониён Сайраҳмон Назриев мегӯяд, роҳбарони клубҳои футбол одат кардаанд, ки аз буҷети давлат маблағгузорӣ шаванд. Барои дарёфти спонсор ё маблағгузор ҳеҷ кӯшише намекунанд.

- Дар тамоми рӯи дунё клубҳои футбол ҷамъиятҳои саҳомӣ мебошанд ва аз ҳисоби саҳмдоронашон маблағгузорӣ мешаванд. Чаро ин таҷриба дар мамлакати мо истифода намешавад? Чаро роҳбарони клубҳо чашм ба буҷети давлат меандозанд? То замоне сармоягузорон клубҳоро маблағгузорӣ накунанд, вазъи онҳо хуб намешавад ва футбол ҳам дар мамлакат рушд намекунад, - афзуд С. Назриев.

Акнун дар мавсими нави футбол дастаи «Хатлон» сабқатро дар Лигаи якум идома медиҳад. Охирин бозие, ки даста дар Лигаи олӣ баргузор кард, 15 - уми октябри соли ҷорӣ ба муқобили дастаи «Регар - ТадАЗ» - и шаҳри Турсунзода буд. Дар ин сабқат дастаи Хатлон бо ҳисоби 0:1 ноком шуда, имкони боқӣ мондан дар Лигаи олиро комилан аз даст дод.

Роҳбари клуби футболи «Хатлон» Исроил Шарифов дар як тамоси телефонӣ гуфт, ки нақша дорад рӯзҳои наздик як нишасти матбуотие барпо намояду тафсилоти пурраи мушкилоти дастаро расонаӣ намояд.

Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе, президенти Федератсияи футболи Тоҷикистон муҳтарам Рустами Эмомалӣ дар мулоқот бо ҷомеаи футболи кишвар рӯзи 3-юми ноябри соли равон аз баромади бебарори дастаи «Хатлон» изҳори нигаронӣ карданд.

- Дастаи шаҳри Бохтар мактаби хуби футбол дорад. Пештар бошгоҳи «Вахш» ном дошт. Бошгоҳе, ки мактаби хуби футбол дорад ва даҳҳо бозигарро барои дастаҳои мунтахаби Тоҷикистон тарбия кардааст, чӣ гуна ба лигаи якум меравад? Ман намефаҳмам, - изҳор доштанд президенти Федератсияи футболи Тоҷикистон муҳтарам Рустами Эмомалӣ.

Масъулини дахлдори Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Бохтар ва роҳбарияти дастаи «Хатлон»-ро зарур аст, ки баҳриислоҳи мушкилиҳои давомдори ин бошгоҳи овозадори мамлакат зудтар камари ҳиммат банданд ва шуҳрати ин дастаи сермухлису ба қавле, бренди вилояти Хатлонро, барқарор намоянд, чунки барои як вилояти сернуфуси мамлакат, ки беш аз 3,5 миллион аҳолӣ дорад, дар чунин вазъ қарор гирифтани ин дастаи овозадор аламовар аст.

**Сулаймон СУЛТОНОВ,**
**«Садои мардум»**




**Китоби панҷуми журналисти ватандӯст, муовини сармуҳаррири нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон - рӯзномаи «Садои мардум» Далер Абдулло зери унвони «Касбият, садоқат ва ҷасорат» ба дасти хонандагон расид. Дар он муаллиф мақолаҳои хешро, ки ду соли охир дар нашрияҳои гуногуни кишвар ба табъ расидаанд, гирд овардаю ба дӯстдорони калом эҳдо намудааст.**

Тозанашр

# КАСБИЯТ, САДОҚАТ, ҶАСОРАТИ ЖУРНАЛИСТ

Китоб аз панҷ боб мураттаб шуда, боби аввал муҳаббатномаест ба унвони Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар робита ба корномаҳои мондагори ӯ. Муаллиф дар пешгуфтори боби аввали китоб чунин нигошта: «Сар задани ҷанги шаҳрвандӣ, дар марҳилае, ки ҳанӯз пояҳои истиқлолияти давлатӣ устувор набуданд, ҳастии минбаъдаи давлати ҷавонро зери суол бурд. Дар чунин шароит сари қудрат омадани муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон боиси наҷоти миллат ва давлат гардид. Берун овардани мамлакат аз ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ, тақвияти сулҳ ва ваҳдати миллӣ, «фарҳанги сулҳи тоҷикон» ислоҳоти фарогир, эҳёи аркони фалаҷшудаи идоракунӣ, қабули рамзҳои давлатӣ, арҷгузорӣ ба арзишҳои таърихӣ, миллӣ ва фарҳангӣ, ташаккули низоми қонунгузории миллӣ, боло бардоштани мақоми забони давлатӣ, эълони чор ҳадафи стратегии Ҳукумат, сохтмони неругоҳҳои барқи обии зиёд, аз ҷумла НБО «Роғун»… намунаҳо аз ҷамъи дастовардҳои муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҳисоб мераванд».

Муаллиф ба ин шева, ҳамзамон, хонандагонро барои муттаҳид шудан дар атрофи Пешвои миллат ва арҷ гузоштан ба дастовардҳо, арзишу муқаддасоти миллатамон, ки ба шарофати Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба даст омадаанд, даъват менамояд.

Дар матлаби дигари ин боб «Қудрати муттаҳидсозӣ» муаллиф ба хонанда ташаббусҳои ҷаҳонии Пешвои миллат ва аз ҷониби Созмони Милали Муттаҳид писандидану пазируфтани онҳо, атрофи ин ташаббусҳо ба ҳам омадани роҳбарони кишварҳои гуногуни дунёро хотирнишон менамояд. Ин ташаббусҳои дурбинона, ки ба об марбутанд, ба хотири наҷоти миллат ё кишвари ҷудогона набуда, ҳадафҳои гуманистӣ дар пай дошта, барои наҷоти сайёра ва мардуми он рӯи кор омадаанд. Муаллиф таъкид менамояд, ки мафҳуми «дипломатияи об», ки кишварҳои гуногун дар ҳалли масоили марбут ба об аз он кор мегиранд, ба шарофати Пешвои миллати тоҷикон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон рӯи кор омадааст.

Матлабҳои дигари бобҳои китоб паём медиҳанд, ки Далер Абдулло набзи ҷомеаро эҳсос менамояд, бениҳоят ҷасур ва ба арзишҳои инсонӣ, миллӣ ва давлатӣ содиқу арҷгузор аст. Ба ҳайси як журналисти таҳлилгар масъаларо меомӯзад, ташхис мекунад ва сипас, дар он хусус менависад. Аз боби зиракии сиёсӣ ва мавқеъгирии дуруст чунин ҳушдор додааст: «Мо дар ҷаҳони пурҳаводис қарор дорем. Марҳилае, ки пайомади он ба сатҳу сифати зиракии сиёсӣ ва дарки вазъи ҷаҳони муосир вобаста аст». Ба ин хотир, ногузир медонад «… ҳамеша ҳушёру зирак бошем, ба ҳар гуна фиребу дасисаҳои доираҳои манфиатхоҳи бегона фирефта нагардем, мардумро муттаҳид ва суботи сиёсиро боз ҳам устувор гардонем». Дар бобати НБО «Роғун» нигошта ва ба мо аз оянда паёми нур мерасонад, аз хусуси Истиқлолияти давлатӣ иншо намуда, ҳифзи онро қарзи инсонию шаҳрвандии ҳар фарди тоҷик медонад. Аз ҳамдигарфаҳмию ҳамзистӣ навишта, онро аз омилҳои устувории ваҳдати миллӣ мепиндорад. Бо ихлосмандӣ аз орифони гузашта чун Абӯбакри Варроқ Тирмизӣ, ки дар замони худ барои пешгирӣ намудани ифроту тафриқаандозӣ дар масоили марбут ба дин талошҳои зиёд доштанд, ёдовар мешавад. Суду зиёни шабакаҳои иҷтимоиро баррасӣ менамояд ва огоҳ месозад, ки ҷавонони мо аз ин роҳ мағзшӯӣ мешаванд. Таълими ғайриқонунии динӣ, ифротгароӣ, амалҳои террористиро маҳкум месозад ва аз паёмадҳои бади он ҷомеаро огоҳ месозад...

Дар маҷмӯъ, Далер Абдулло аз ҷумлаи журналистоне мебошад, ки қудрати қаламу суханро ба манфиати халқу Ватан сарф мекунад. Матлабҳое, ки хонанда ба ҳангоми мутолиа дар китоб ба онҳо рӯ ба рӯ мешавад, далели касбияти баланд, ҷасорати журналистӣ ва садоқати муаллиф ба арзишҳои миллию давлатӣ мебошад. Тавре дар пешгуфтори китоб зикр шудааст: «Бисту як сол аст, ки дар соҳаи журналистика заҳмат кашида, ба сифати афсари содиқи идеологӣ бо қалам аз сиёсати Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва армонҳои миллати тоҷик пуштибонӣ мекунам. Дар муқобили онҳое, ки бо давлату Ҳукумати Тоҷикистон душманӣ меварзанд, мубориза мебарам».

Мо муждаи тозаи Далер Абдулло: «Касбият, садоқат, ҷасорат» - ро мепазирем ва умед мебандем, ки минбаъд ба мо аз муаллиф муждаҳои нави дигаре мерасанд.

**Фарзона ФАЙЗАЛӢ, «Садои мардум»**

Нигаронӣ

**Аз қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» 16 сол сипарӣ шуда бошад ҳам, вале то ҳол дар шаҳру ноҳия ва деҳоти кишварамон дар баргузории ҷашну маъракаҳо қонуншиканӣ ва зиёдаравӣ дида шуда, он аз ҷониби мақомоту идораҳои назоратӣ ва комиссияҳои ҷамъиятӣ пешгирӣ карда намешавад.**

# «ТИФЛБАРОРОН» РАСМИ НАВИ МАРДУМИСТ?

## ДАР НОҲИЯИ ЁВОН ОНРО ОММАВӢ КАРДАНИАНД

Баръакс солҳои охир бар замми ин қонуншиканиҳо миёни мардум баргузории боз як ҷашни худсохти дигар - «Тифлбаророн аз таваллудхона» зери садои карнаю сурнай, оҳангу сурудхонӣ ва аксбардорию наворбардорӣ расм шудааст, ки он дар ягон моддаи қонуни мазкур дарҷ нагардидааст. Хабарнигори рӯзнома зимни сафари корӣ ҳолати «Тифлбаророн аз таваллудхона»-ро дар назди шуъбаи таваллуди Беморхонаи марказии ноҳияи Ёвони вилояти Хатлон мушоҳида намуд.

Беморхонаи марказӣ ва Маркази саломатии ноҳияи Ёвон дар шафати роҳи калони кӯчаи марказии ноҳия воқеъ буда, ҳар нафари роҳгузарро аз ҳама пеш қатори тамбаи нақлиёти ба ном «таксиҳои ғайрирасмӣ» ва «ронандагони худсар»-и он ба худ ҷалб мекунад. Мо аз онҳо нархи роҳкироро пурсидем. Дар ҷавоб гуфтанд, ки роҳкиро 4 сомонӣ аст. «Охир, масофаи роҳ аз назди беморхонаи марказӣ то бозор ҳамагӣ як километр ҳам нест, чаро мусофиронро бо чунин нархи гарон мебаред?» - суол кардем аз онҳо. Яке аз ронандаҳо бо қаҳру ғазаб ба мо нигоҳ карда, гуфт: - Нахоҳӣ, пои пиёда раву ба нархҳои мо кордор нашав, фаҳмидӣ?

Ҳамин вақт садои баланди карнаю сурнай аз дохили ҳавлии Беморхонаи марказии ноҳия диққати моро ба худ ҷалб карду баҳси мо бо ронандагони таксиҳо қатъ гардид.

Ба саҳни ҳавлии беморхона ворид шудем ва шоҳиди он гардидем, ки гурӯҳе тифли навзодро зери садои баланди карнаю сурнай, наворбардорию аксгирии бодабдаба аз таваллудхона берун меоваранд. Табибону момодояҳо, ҳамшираҳои шафқат ва дигар кормандони шуъбаи таваллуд бо чеҳраҳои пуртабассум навзодро гусел мекарданд. Шумораи зиёди хешовандону наздикони падару модари навзод низ гирд омада, бо рақсу бозӣ тифлакро дасти ба даст ба мошини сабукрави хориҷии бо гулҳои рангоранг орододашуда савор карда, ба хонааш гуселониданд.



Мо чунин расми «Тифлбаророн аз таваллудхона»-ро бори аввал дида, ба худ савол додем: - Оё тифли навзод медонад, ки волидайну хешу табораш ӯро зери садои мусиқию ҳуштаккашиҳо аз таваллудхона берун мебаранд? Баъди гузашти панҷ-даҳ сол аз ин тифлак бипурсед, ки оё дар ёд дорӣ, чӣ тавр туро аз таваллудхона бо мусиқанавозию рақсу бозӣ баровarда буданд, тифл, дар посух ба ин савол чӣ ҷавоб медода бошад? Борҳо шоҳид будем, ки чӣ тавр навзодро баъди ду-се рӯзи таваллуд табибон аз муоина гузаронида, сипас аз таваллудхона ҷавоб медоданд. Волидон бо як даста гул омада, бо иҷозаи табибону момодояҳо тифлакро ба хона мебурданд.

Баъди мушоҳидаҳо зарур шуморидем ба роҳбарияти Беморхонаи марказии ноҳия ва мудири шуъбаи таваллуд муроҷиат намоем. Мутаассифона, мудири шуъбаи таваллуд Абдухолиқ Ҷӯрабековро пайдо карда натавонистем. Ба гуфти масъулин, сардухтур дар рухсатии меҳнатӣ буда, иҷрокунандаи вазифа ба дӯши муовини аввали сардухтур Фирӯз Холов вогузор шудааст. Дар куҷо будани муовини аввалро касе аз кормандон муайян карда натавонист. Ҳатто масъулияти раисии комиссияи ҷамъиятии танзими анъана ва ҷашну маросими беморхона ба дӯши кӣ буданашро касе намедонад. Кӯшиш кардем нозири минтақавиро бубинем, вале аз ӯ низ дарак набуд, зеро ба муроҷиати мо маъмурияти беморхона ва кормандони шуъбаи таваллуд аҳамият намедоданд.

Чунин рафтори масъулони ин муассисаи тиббӣ моро водор намуд, ки дар нишасти матбуотии Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Ёвон бо хабарнигорони ВАО-и кишвар оид ба ҳолати воқеии қонуншиканӣ, вайрон гардидани тартиботи ҷамъиятӣ, ки ба риоя нагардидани интизоми меҳнат дар соати кории кормандон оварда мерасонад, суол пешниҳод намоем, вале роҳбарияти беморхона ва сармутахассиси бахши дин, танзими анъана ва ҷашну маросими ноҳияи Ёвон Неъматулло Ҳаитзода бо ҳар роҳ аз посух ба ин суол канораҷӯӣ карданд. Неъматулло Ҳаитзода изҳор дошт, ки «Тифлбаророн аз таваллудхона» расми нави мардумӣ мебошад ва он дар оянда баъди ба миён омадани тағйиру илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба қонуни мазкур ворид карда мешавад. Ин пешгӯии ӯ кай амалӣ мешавад? Ӯ ба ҷои назорат дар фикри тағйирот ба қонун аст. Ин хароҷотҳоямон камӣ мекарданд!

Мутаассифона, роҳбарият ва дигар масъулони беморхона ва шуъбаи таваллуд фаромӯш кардаанд, ки дар ин муассисаи табобатӣ беморони бемориҳои гуногун бистарианд. Шояд яке дар ҳолати вазнин, дигаре дар ҳолати баъди ҷарроҳӣ ва ғайра қарор доранд. Магар садои баланди карнаю сурнай дар ҳавлии беморхона ба гӯши беморон ва наздикони онҳо хуш меояд? Оё чунин рафтори иддае аз шаҳрвандон аз рӯи инсофу фаросат аст?

Агар масъулини Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Ёвон ва бахши танзими анъана ва ҷашну маросими он корҳои назоратӣ ва тарғибу ташвиқотиро дуруст ба роҳ мемонданд, шояд мардум анъанаҳои нави бофтаю сохтаро ҳамчун сарборӣ ба расму оини миллӣ истифода намекарданд.

Набояд фаромӯш кард, ки иҷрои муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои ҳама қишрҳои ҷомеа, сарфи назар аз кору вазифа, ҳатмист ва дар татбиқи амалии он, пеш аз ҳама, бояд кормандони ниҳодҳои назоратӣ саъй намуда, барои мардум намунаи ибрат бошанд.

**Муҳаммад ЗОКИР,**
**«Садои мардум»**

# КУҲАНТАРИН НАМОДИ КИШВАРДОРИИ ТОҶИКОН

**Парчам муқаддасоти миллӣ, ифодагари соҳибистиқлолӣ соҳибватании ҳар халқу миллат маҳсуб ёфта, маҳсули тафаккури созанда бо тамоми тағйироташ то замони мо омадааст. Қайд кардан бамаврид аст, ки аз замонҳои қадим парчам ҳамчун рамзи шукӯҳу ифтихор ва нангу номуси ҳар як миллату халқият мебошад. Ба ороиши парчам, ки тасвири ниҳоят густурда дорад, диққати махсус дода, онро аз филизот ва сангҳои қиматбаҳо (зар, сим, лаъл, лоҷуврд, гуҳар), пардаи онро аз матоъҳои аълосифат (парниён, паранд, дебо, ҳарир) бо ҷавоҳироти пурқимат оро медоданд, ки назираш дар таърихи кишвардории дигар давлатҳо дучор намешуд ва он симои сарватмандии давлатро ифода мекард.**

Парчам таърихи беш аз чорҳазорсола дорад ва нахустин парчамҳо дар Эрони қадим, Чин ва Миср пайдо шудаанд. Бозёфтҳои бостоншиносӣ, ҳафриёт, навиштаҷот ва деворнигораҳои мухталиф аз ин гувоҳӣ медиҳанд. Аз ҳафриёти бостоншиносон дар деворнигораҳои шаҳри Панҷакенти бостонӣ, ки бо асри VII мансубанд, тасвири парчами суғдиёнро метавон мушоҳида кард. Деворнигорае чунин манзара дорад: Рустам баъди мағлуб кардани аждаҳои одамсар бо ёронаш ҷонибе равона аст ва дар сари найзаи ду нафари онҳо парчамҳои сегӯша дида мешавад. Парчами ориёиҳо (портҳо, суғдиҳо, бохтариён) дар деворнигораҳои шаҳри Помпей Рум (асрҳои XI-I то мелод) кашида шудааст. Бозёфтҳои бостоншиносӣ шаҳодат медиҳанд, ки аввалин парчами қадимаи тоҷикон «Дирафши ковиёнӣ» ном дошт, ки онро «Ахтари ковиён» низ хондаанд ва он ҳамчун рамзи ваҳдат ва ягонагии давлатдории ориёӣ маҳсуб меёфт. «Дирафши ковиёнӣ» то замони сукунати давлати Сосониён дирафши миллӣ ва давлати ниёгони тоҷикон буд. Дар давраи Сосониён шакли он тағйир ёфта, дар қисми болои он парандаи заррин - мурғи ҳумо ҷой дода мешуд.

Парчами давлатӣ ифодагари иқболу истиқлолият, иттиҳоду сарҷамъӣ, нангу номус ва ватанпарастӣ, ҳувияти миллии мардуми куҳанбунёду фарҳанги мо буда, некутарин мақсаду мароми Тоҷикистонро дар ҷилои рангҳои худ инъикос намудааст. Парчами давлатӣ ҳамчун нишонаи азму иродаи устувори мардум барои ободии кишвари зебоманзарамон ҳаммароми «Дирафши ковиёнӣ»-и аҷдоди ориёнажодамон бо тобиши се ранг: ранги сурх - рамзи муборизаю ҷоннисории халқ барои озодӣ ва истиқлолият, ранги сафед - нишони бахту саодат, умеду орзу ва ранги сабз - нишони сарсабзию шукуфоӣ, сарбаландию хуррамӣ ва бардавомии умр мебошад. Дар байни он тасвири тоҷ ва ҳафт ахтар ҷой гирифтааст, ки он ишора ба решаҳои таърихии давлатдории Тоҷикистони соҳибистиқлол мебошад.

Ҳусайн Воизи Кошифӣ дар асараш «Футувватномаи султонӣ» дар мавриди хосияти ҷовидонии ранги сабз доштани парчам мегӯяд: «Агар пурсанд, ранги сабз аз они кист, бигӯй, ранги сабза ва об аст ва аз они олиҳимматон ва зиндадилон аст, ки



ин рангро бисёр писанданд. Ҳар кӣ аз ин ранг ҷома пӯшад, бояд, ки чун сабза хандону хуррам ва монанди об ҳаётбахшу дилпазир бошад».

Дирафш аз вожаи дирафшидан, дурахшидан, рӯшноӣ додан, парафкандан сохта шудааст. Вожаҳои «ахтар ва дирафш»- ро дар замонҳои пеш чун нишон ва парчам ба кор мебурданд.

Дар «Шоҳнома»-и безаволи Абулқосим Фирдавсӣ , ки махзани истифодаи тасвирҳои парчам аст, ҳар як паҳлавони бузургу номдори сарзамини аҷдодии мо дирафши хоси худ доштааст. Масалан, дар тасвири сурати саҳнае аз лашкари Кайқубод бо Афросиёб омадааст, ки дар болои кулоҳи сарбозон парчамҳои сегӯшаи рангашон сурху зард тасвир шудааст.

Давлати Миср, ки 26 сулолаи фиръавнҳо онро идора карда буданд, соҳиби парчами худ буд. Мисриёни қадим, ки шоҳинро муқаддас мешумориданд, парчами худро низ дар шакли шоҳин сохта буданд. Онҳо шоҳинро рамзи худои Ра - ҳимоятгари фиръавнҳо ва давлати Миср медонистанд. Лашкари Миср вақте ба ҷанг мерафт, парчамбардорон пеш-пеши он парчами Миср - шоҳинро мебурданд.

Империяи Рум ва румиҳо низ соҳиби парчами худ буданд. Рамзи асосӣ дар парчами онҳо тасвири уқоб буд, ки бо пешниҳоди консул Марий пеш аз мелод қабул карда буд .

Соли 550 пеш аз мелод аз ҷониби бузургтарин шахсияти таърих - Куруши Кабир империяи ҷаҳонии Ҳахоманишиён таъсис ёфт. Дар парчами онҳо уқоби болкушода ва дар болои сари уқоб офтоб тасвир ёфта буд.

Соли 1753 мангитҳо дар Бухоро ба сари ҳокимият омаданд ва соли 1785 хони мангит - Шоҳмурод хонигарии Бухороро ба аморат табдил дода, худро амир эълон кард, ки парчами амороташ ранги сабз гирифт ва дар байнаш тасвири моҳ ва як ситора дошт. Ҳамзамон, дар парчам панҷаи даст ва бо хатти арабӣ калимаи «тавҳид» навишта шуда буд.

Бо шарофати Инқилоби Сотсиалистии Октябр парчами сулолаи мангитиён аз байн рафт. Давлати миллии тоҷикон аз нав ташкил шуд ва дар шакли Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон барқарор гардид.

Парчами аввалини давлатии Сотсиалистии Тоҷикистон соли 1922 баробари таъсисёбии давлати абарқудрати ИҶШС аз нав таҳрир ёфт. Конститутсияи давлати мазкур парчами сурхи дар кунҷи боло тасвири «Дос ва болға» ва дар болои он ситораҳои панҷгӯшадоштаро қонунӣ гардонид.

Воқеан ҳам, давлати соҳибистиқлолро бе доштани рамзҳои давлатӣ, аз ҷумла парчам, тасаввур кардан ғайриимкон аст. Мутобиқи моддаи 93-и Конститутсияи Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон аз 24-уми феврали соли 1931 «Дар бораи Парчами давлатии Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон» парчам он замон аз матои сурх иборат буд, дар қабати болои чапи он бо ҳарфҳои зарҳалӣ Тоҷикистон навишта шуда буд.

Таносуби бар ба дарозии парчам 1;2 муайян гардида буд. Бо Қарори Президиуми КИМ ҶШС Тоҷикистон бо парчам дар кунҷи тарафи чап расми досу болға ва номи ҷумҳурӣ бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ илова карданд. Дертар 28-уми сентябри соли 1940 ҷумҳурии мо бо Қарори Президиуми Шӯрои Олии РСС Тоҷикистон аз алифбои лотинӣ ба алифбои кириллӣ гузашт. Дар ин робита ба парчам низ тағйирот ворид шуд.

Моҳи феврали соли 1947 Президиуми Шӯрои Олии Иттиҳоди Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистӣ қарор қабул намуда, ба ҷумҳуриҳои иттиҳод тавсия дод, ки парчамҳои давлатии бо парчами ИҶШС шабоҳатдоштаи худро қабул кунанд. Парчами Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон 20 марти соли 1953 охирин бор таҳрир гардид, ки аз матои сурх иборат шуда, тасвири дос ва болға дошта, дар он навиштаҷоти тоҷикии «РСС Тоҷикистон» насб гардида буд. Тибқи Парчами давлатии Тоҷикистон иттиҳоди вайроншавандаи коргару деҳқон ва дӯстию бародарии ҳамаи миллатҳо муайян гардид. Дар солҳои мавҷудияти сохти сотсиалистӣ парчам дар баробари рамзи давлатӣ будан, рамзи шаъну шараф, ғолибият, пешравӣ, муваффақиятҳо дар соҳаҳои гуногуни истеҳсолоту ҳаёти ҷамъиятӣ низ ба ҳисоб мерафт.

Зимни соҳибистиқлолӣ худро эълон кардан ва шурӯъ намудан ба тайёр кардани лоиҳаи Конститутсия масъалаи аз нав тартиб додани рамзҳои нави давлати Тоҷикистон ба миён омад. Ҳамин тавр, дар рафти Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 24 ноябри соли 1992 Парчами давлатӣ қабул карда шуд.

Бо пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид», ки 19 ноябри соли 2009 қабул гардидааст, ҳар сол 24 ноябр ҳамчун Рӯзи Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷашн гирифта мешавад.

30-юми августи соли 2011 Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон партавфишон гашт, ки манораш бо баландии 165 метр, дарозиаш 60 метр ва паҳноияш 30 метр бунёд гардид. Ин дастоварди бузург дар «Китоби Гиннес» сабт шуд. Дар дунё манораҳои бузурги парчам, баъдан дар Арабистони Саудӣ 170 метр, Озарбойҷон - 162, Кореяи шимолӣ - 160, Иордания - 133, Уммон 121 метр сохта шудаанд.

Ҷашни Рӯзи Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон эҳтиром ба қаҳрамонони миллат, ба рӯҳу равони Коваи оҳангару Куруши Кабир, Шераку Девоштич, Сомонию Темурмалик, Рӯдакию Фирдавсӣ ва садҳо абармардони гузаштаи мост, ки дар тӯли таърих барои ному нанг ва марзу буми халқи тоҷик ҷоннисориҳо намуда, забон, фарҳанг ва парчами нишони давлатдории ин миллати куҳанбунёдро то ба замони мо расонидаанд.

**Файзулло ҚУРБОНОВ,**
**Саврибегим ГУЛМИРЗОЕВА,**
**омӯзгорони Коллеҷи муҳандисию омӯзгории шаҳри Душанбе**

# *Розҳои Ҳошим Гадо*



Аз се чиз гурехта намешавад: яке вақт, дуюм пирӣ, сеюм ба манзили абадият рафтан.

***

Ман ба гумонам ё барвақт таваллуд шудаам ё дер ё ҳанӯз ҳам барои таваллуд шудани ман барвақт аст.

***

- Ту бо ин бозиат чӣ ният дорӣ?
- Ҳанӯз ки тифлам, ба бозиҳои худ машғулам, шумо ба бозии худ. Ҳар кӣ бозии худро доранд, - гуфт набера.

Ҳеҷ гоҳ монда намешаванд: вақт ва марг.

***

Гадоҳо буданд, ҳастанд ва хоҳанд буд. Кӯшиш кунед, гадои дониш бошед, на гадои меъда.

***

Ақидаи одамонро дар батнашон накушед. Аз ин кор пешравӣ манъ мешавад.

***

Барои он ки ба орзую мақсадат расӣ, гоҳе ба роҳи каҷу гоҳе ба роҳи рост рав. Вақте ки аз роҳи каҷ ба роҳи рост баромадӣ, аз роҳи рост ба роҳи каҷ дигар марав.

***

Ай одами хокӣ! Ин қадар ҳасрат махӯр, тавону дарнамон. Ҳазлу шӯхӣ ҷою макон дорад.

***

Умри дароз ақл не, таҷрибаро зиёд мекунад.

***

Деҳқон бо юғу испораш ҷуфт карда, гандуму ҷав корад, нависанда ба воситаи қалам. Яке ғизои ҷисмонӣ офарад, дигари ғизои маънавӣ.

***

Ман бояд донам, ки кистам. Ӯ худ медонад, ки ӯ кист.

***

Вақт дар тааҷҷуб монда, чизе нагуфта худаш шитобида рафт.

***

Албатта, бе фиреб дар зиндагӣ луқма ёфтан душвор аст. Бо вуҷуди он аз худат ҳаққиро мафиреб.

***

Нигарон мабош, ки луқма ба даҳонат худаш омада медарояд. Барои он ки луқма ба даҳонат дарояд, бояд ту аз ҷоят хезию он луқмаро барои ба даҳон овардан бикӯшӣ.

***

Ҳеҷ гоҳ гандум ҷаву ҷав гандум нашудааст. Лек мумкин ба мурури замон ҳар ду ҷавгандум шавад. Боз кӣ медонад.

***

Шамол якумр бе мондашавӣ мешитобид. Вақт аз ӯ пурсид:
- Ту ин қадар куҷо мешитобӣ?
- Агар ман нашитобам. Мемирам.

***

Орзую сир мисли кирме, ки дарахтро дарун - дарун мехӯрад, азоб медиҳад. Бузургии инсон дар он аст, ки аз уҳдаи ин кор барояду сабр намояд.

***

Яке аз беҳтарин ихтироъти одамон байни ҳамдигар ҳарф задани онҳост.

*Аз китоби «Розҳо», ҷилди якуми осори Ҳошим ГАДО*

# УСУЛҲОИ ХАЛҚИИ ТАБОБАТИ ДИАБЕТИ ҚАНД

**Табибон ва мутахассисони соҳаи диабети қанд роҷеъ ба табобати ин маризӣ чунин иброз медоранд: асабоният, пурхӯрӣ ва ғаму дард боиси баланд шудани сатҳи қанд дар хуни инсон мегардад. Бинобар ин, ба ҳар гапу кор чандон аҳамият надиҳед ва агар ба парҳез қатъӣ риоя намоед, ин маризӣ шуморо сахт азият намедиҳад.**



Табибон мегӯянд, касоне, ки касалии қанд доранд, бояд аз хӯрдани ширинихо, оши палов, ғӯштбирёну торт, нони сафед, кулча, харбуза, ангур, хурмо, анҷир, мавиз ва дигар меваҳое, ки глюкоза доранд, худдорӣ намоянд. Беҳтар анори турш, сирпиёз, карам, олуболу, тути заминӣ, қарақот, лӯбиё, меваҳои настаран (хулул) ва бодиринг истеъмол намоянд. Табибон дар радифи парҳез давоҳои халқиро тавсия медиҳанд. Ин давоҳо ба назар бисёр сода намоянд ҳам, вале қанди хунро дар як муддати кӯтоҳ паст мекунанд.

1. Шаш дона пиёзи бехро майда карда, дар бонкаи нимлитра андозед. Аз боло зарфро аз шаб то саҳар маҳкам кунед. Субҳидам онро полонда, дар давоми рӯз кам - кам нӯши ҷон созед. Ин амалро муддати як ҳафта давом диҳед, қанди хунатон ба меъёр медарояд.

2. Марҷумак (гречка) - ро облаз карда, бенамак ба андозаи иштиҳо ва тавони худ дар давоми рӯз хӯред 10 рӯз гречка хӯред, қанди хун паст шуда, карахтию сангинии пойҳоятон нест мешавад. Аксаран дар ангушти пой ё дасти одамоне, ки ба бемории қанд гирифтор ҳастанд, захм, пайдо шуда, баъдан фасод мегирад. Дар баъзе ҳолатҳо табибон илоҷи дигар наёфта, ангушти фасодгирифтаро мебуранд. Марҷумак аз он ҷиҳат муфид аст, ки хатари пайдо шудани захм ва гангренаро пешгирӣ менамояд.

3. 25 грамм барги ҷуъи чормағзро дар як литр оби ҷӯш муддати як соат дам карда, саҳарӣ, нисфирӯзӣ ва бегоҳӣ як пиёлагӣ нӯшед. Ин амалро як ҳафта давом диҳед, беҳбудии комилро эҳсос хоҳед кард.

4. Барги тути сафедро хушк карда, кафмол намоед, то ба шакли хока дарояд. Онро ба рӯи ғизоҳое, ки истеъмол мекунед, пошед, сатҳи қанди хунро хеле паст мекунад.

5. Барги биҳӣ, барги чормағз, барги газна ва барги мушхорро ба андозаи баробар гирифта, хушк кунед ва 2 қошуқашро дар ним литр об андохта, 2 - 3 дақиқа ҷӯшонед, сипас, оташро хомӯш намуда, монед ним соат истад. Гиёҳобро соф карда, рӯзе се маротиба 50 грамм нӯшед.

6. 100 гр тухми ҷаворо дар зарфе андозед ва аз болояш як литр оби ҷӯшидагӣ резед. Даҳони зарфро ду шабонарӯз маҳкам кунед. Рӯзи сеюм дору тайёр мешавад. Рӯзе 3 - 4 маротиба аз ин даво як истакони бинӯшед, беҳбудии комилро эҳсос хоҳед кард.

7. Барги тути сиёҳ барои гирифторони диабети қанд ва касоне, ки гурдашон иллат дорад, давои хубест. 40 гр барги тут, 20 гр барги газна ва 40 гр пӯсти лӯбиёро дар зарф андозед ва аз болояш ним литр об рехта, муддати 10 дақиқа ҷӯшонед. Баъдан даворо полонда, рӯзе 2 маротиба 50 - 100 граммӣ нӯшед.

Инчунин, воситаҳои зиёди дигаре мавҷуданд, ки инсулинро ба меъёр медарорад, вале барои ин, муолиҷаро то ҳосил шудани беҳбудии комил идома додан лозим аст.

**Таҳияи Ш. ҲУСЕЙНЗОДА, «Садои мардум»**

# ВОҚЕАН, ХУШНАЗАРИ САҲНА БУД

**Хушназар Майбалиев аз коргардонҳое ба ҳисоб меравад, ки ба Театри давлатии академӣ - драмавии Тоҷикистон ба номи Абулқосим Лоҳутӣ, хоса дар бозии актёрон ва таҳияи асарҳои драмавӣ (символизм), навгонӣ ворид сохт. Шогирди коргардон ва педагоги барҷастаи рус Анатолий Василевич Эфрос, дастпарвари Донишкадаи давлатии санъати театрии Москва ба номи А. В. Луначарский бо дониши мукаммал ба кор шурӯъ намуд. Он замон дар театр санъаткорони бузурги тоҷик Муҳаммадҷон Қосимов, Ҳоҷиқул Раҳматуллоев, Аслӣ Бурҳонов, Туҳфа Фозилова, Муҳаммадҷон Халилов, София Тӯйбоева, Нозукмоҳ Шомансурова, Қиматшоҳ Имматшоев, Тӯтӣ Ғафорова, Гурминҷ Завқибеков, Бурҳон Раҷабов, Маҳмуд Тоҳирӣ, Борис Наматиев, Хайрӣ Назарова, Ато Муҳаммадҷонов, Ҳошим Гадоев, Маҳмудҷон Воҳидов, Марям Исоева ва дигарон фаъолият доштанд.**

Кори нахустинаш «Дуэл» («Ҷанги тан ба тан»)-и драматурги қирғиз Мар Бойҷиев буд ва нахустнамоиши он 30 - юми апрели соли 1969 доир гардид. Нақшҳои асосиро Азиз - Маҳмуд Воҳидов, Нозӣ - Тамара Абдушукурова ва Марям Исоева, Искандар - Ато Муҳаммадҷонов иҷро карданд.

Бояд қайд кард, ки асари Мар Бойҷиев дар 50 театри маъруфи собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ва хориҷӣ аз ҷониби коргардонҳои маъруф саҳнавӣ гардидааст. Аз ҷониби Майбалиев ба саҳна гузоштани «Дуэл» ҷасорат ва қолабшикание буд, ки на ҳар ҳунарпешаи собиқадор онро метавонист.

Яке аз муваффақиятҳои коргардони ҷавон дар он зоҳир гардид, ки ӯ бо адибон - драматургони тоҷик ва ҷумҳуриҳои дигар ҳамкории самаранок дошт ва ин тарзи кор то охирин лаҳзаҳои кораш идома ёфт. Ғанӣ Абдулло, Раҳим Ҳошим, Мирсаид Миршакар, Меҳрубон Назаров, Файзулло Ансорӣ, Султон Сафаров, Меҳмон Бахтӣ, Абдусалом Атобоев, Ато Ҳамдам, Шодӣ Солеҳ, Ҷумъа Қуддус, Нурулло Абдуллоев, Сафармуҳаммад Аюбӣ аз ҷумлаи драматургоне буданд, ки давраи саркоргардони Театри давлатии академӣ - драмавии Тоҷикистон ба номи Абулқосим Лоҳутӣ кор кардани Хушназар Майбалиев (солҳои 1971-1977 ва 1981-1995) бо ин боргоҳи ҳунар ва ҳунармандони он ҳамкории зич доштанд. Асарҳои минбаъд таҳиякардаи ӯ ҳам дастранҷи драматургони тоҷик буданд. Аз ҷумла, «Фарёди ишқ» (1975 ва солҳои 1980-1985 ва 1999) ва «Шамъи маърифат»-и Ғ. Абдулло (1978), «Вафо ва аҳд»-и М. Миршакар (1979), «Суханҳои соядор»-и М. Бахтӣ (1980), «Ҳуррият»-и Ғ. Абдулло дар ҳамкорӣ бо Ф.Александрин (1982), «Бо имзои Ленин»-и А.Атобоев (1984), «Ҳақиқати талх»-и С. Сафаров (1986), «Писари Ватан» (1981), «Ибтидо» (1983), «Барзуи шуғнонӣ»-и А. Ҳамдам (1993), «Парвози Шоҳин»-и А. Ҳамдам, Р.Ҳодизода, М. Маҳзабшоев ва амсоли инҳо.

Азбаски он солҳо расм шуда буд, ки бояд дар репертуари театрҳои Тоҷикистон асарҳои драматургони рус ва ҷумҳуриҳои дигари бародарӣ низ дохил бошанд, коргардони нав ва дигар коргардонҳои театр ба таҳияи асарҳои драматургони хориҷи кишвар пардохтанд.

Саркоргардони театр «Антигона»-и Жан Ануй (1971), «Сид»-и



П.Корнел (1995), «Сиёҳ ва сафед»-и Ҷон Сартр (2004), «Раъду барқ»- и Тсао Юй (2008), аз драматургони рус «Машварат»-и А.Гелман (1976), «Муфаттиш»-и Н.В. Гогол (1978), «Лавҳаҳои инқилобӣ»-и М.Шатров (1980), «Ваня - тағо»-и А.П.Чехов (1982), «Марати бечораи ман»-и А.Арбузов (1985), «Панҷ шаби мулоқот»- и А. Володин (1985), «Дод аз дасти ақл»-и А.С. Грибоедов (1987), аз драманависони ҷумҳуриҳои бародарӣ «Дуэл»-и Мар Бойҷиев (1969), «Бой ва хизматгор»-и Ҳ.Ҳ. Ниёзӣ (2007), «Ман, модаркалонам, Илико ва Илларион»- и Нодар Думбадзе (1974), «Ин Майдон-ин Шайтон»-и драманависи озарӣ А. Қурбонов (1983) ва дигар пйесаҳоро таҳия кардааст.

Қаҳрамони матлаб тӯли 22 сол - саркоргардонии Театри давлатии академӣ - драмавии Тоҷикистон ба номи Абулқосим Лоҳутиро бар уҳда дошт. 25 соли ҳаёташро барои тарбияи шогирдон нахуст дар факултети навтаъсиси санъати Институти давлатии педагогии Душанбе ба номи Т.Г. Шевченко (ҳоло ДДОТ ба номи С.Айнӣ) бахшид. Аввалин хатмкунандагони шуъбаи актёрӣ, драма ва кинои ҳамин факултет ҳунарпешаҳо ва санъаткорони маъруф шуданд. Исо Абдурашидов, Нурулло Абдуллоев, Мирзо Ғуломов, Мирзоватан Миров, Гулмурод Малиев, Маъруфшо Мазҳабшоев, Муҳаммадӣ Мирзоалиев, Назар Назаров, Асалбек Назриев, Юнус Саидов, Бобоҷон Ҳасанов, Ҳабиб Шулашов, Муътабар Умарова, Абдулло Убайдов аз шогирдони Майбалиев буданд.

Алҳол шогирдонаш на танҳо дар Тоҷикистон, балки дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон низ кору эҷод мекунанд. Ӯро ба театрҳои хеш даъват карда, аз устодашон дарси маҳорат меомӯхтанд. Ӯ бо камоли майл ва хушнудӣ барои такмили ихтисос, ёрии амалӣ ва таҳияи асарҳои нисбатан ҷиддӣ ба мадади шогирдонаш мешитофт.

Агар намоиши «Орзу»-и М. Назаров соли 1978 дар Театри давлатии драмавии русии ба номи В. Маяковский саҳнавӣ шуда бошад, драмаву спектакли «Писари калонӣ»- и А. Вампилов (1980), «Ҳуррият»-и Ғ. Абдулло (1987) дар Театри мазҳакаи мусиқии Кӯлоб ба номи С. Вализода рӯи саҳна омаданд.

Соли 1973 «Қарзи виҷдон»-и С.Сафаровро рӯйи саҳнаи Театри халқии ноҳияи Ғончӣ ва соли 1974 мазҳакаи «Ман, модаркалонам, Илико ва Илларион»-и Нодар Думбадзеро дар Театри халқии ноҳияи Рӯшон ба номи Артисти халқии СССР Ғ. Ғуломалиев ба тамошобинон пешкаш намуд.

Дар Театри вилоятии ба номи А. Муҳаммадҷонови шаҳри Бохтар асари Ато Ҳамдам «Писари Ватан»- ро (1981) рӯйи саҳна оварда буд. Соли 1983 шогирдонаш ӯро барои ба саҳна гузоштани асари драманависи озарӣ Абдулкарим Қурбонов «Ин Майдон - ин Шайтон» ба Театри драмавӣ- мусиқии шаҳри Конибодом ба номи Т.Фозилова даъват карданд.

Соли 1993 Хушназар Майбалиев бо даъвати шогирдаш - саркоргардони Театри мазҳакаи мусиқии шаҳри Хоруғ ба номи М. Назаров Маъруфшоҳ Мазҳабшоев ба шаҳри Хоруғ сафар намуда, дар ҳамкорӣ бо ҳунармандони театр бахшида ба ҷашни ҳазорсолагии «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ драмаи таърихии «Барзуи шуғнонӣ» -и Ато Ҳамдамро ба ҳаводорони ҳунар пешниҳод карданд.

Фаъолияти эҷодии Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон Хушназар Майбалиевро метавон ба ду давра ҷудо кард. Давраи якум солҳои 1968 - 1991- ро дар бар мегирад, ки он ба даврони Иттиҳоди Шӯравӣ рост меояд. Асарҳои беҳтарини ин муддат ба саҳнагузоштааш «Бахти шумо - бахти ман аст» (1968), «Корвони бахт» (1970) ва «Вафо ва аҳд»-и М. Миршакар (1979), «Дуэл»-и Мар Бойҷиев (1969), «Антигона»-и Жан Ануй (1971), «Ҳуррият» (1970), «Фарёди ишқ» (1975, 1980 ва 1985) ва «Шамъи маърифат»-и Ғ.Абдулло (1978), «Беватан» (1970) ва «Ҳақиқати талх» (1986)- и С. Сафаров, «Лаҳзаи ҷовид» (1973) ва «Суханҳои соядор»- и М. Бахтӣ (1980), «Ибтидо» (1983) ва «Писари Ватан»- и А. Ҳамдам (1981), «Бо имзои Ленин»- и А.Атобоев (1984), «Кӯҳистонӣ»- и Н. Абдуллоев (1985) мебошанд.

Ин муддат «Машварат»-и А. Гелман (1976). «Муфаттиш»-и Н.В. Гогол (1978), «Писари калонӣ»-и А. Вампилов дар саҳнаи Театри вилоятии Кӯлоб (1979), «Лавҳаҳои инқилобӣ»-и М. Шатров (1980), «Ваня - тағо»- и А.П. Чехов (1982), «Марати бечораи ман»-и А. Арбузов (1985), «Панҷ мулоқот»- и А. Володин (1985), «Дод аз дасти ақл»-и А.С. Грибоедов (1987) -ро ба саҳна гузошт. Дар феҳристи асарҳои басаҳнагузоштаи Майбалиев асарҳои драматургони ҷаҳон ва ҷумҳуриҳои бародариро низ дидан мумкин аст.

Солҳои соҳибистиқлолӣ беҳтарин асарҳои драмавии классикони ҷаҳон ва муосирро ба саҳна гузошт. Драмаҳои «Сид»-и П. Корнел (1995), «Сиёҳ ва сафед»-и Ж.П. Сартр (2004), «Раъду барқ»-и Тсао Юй (2008), «Бой ва хизматгор»-и Ҳ.Ҳ. Ниёзӣ (2007), «Парвози Шоҳин»-и Р. Ҳодизода, А.Ҳамдам (2006), «Барзуи шуғнонӣ»-и Ато Ҳамдам дар ҳамкорӣ бо М. Мазҳабшоев дар Театри мазҳакаи мусиқии шаҳри Хоруғ (1993), «Фарёди ишқ»-и Ғ. Абдулло маротибаи чорум (1999), «Кучо равонем»-и Н. Абдуллоев (2000), «Хоҷасагпараст»-и Ҷ. Қуддус (2001), «Ориёӣ»-и С. Аюбӣ (2007) аз ҷумлаи онҳо мебошанд.

Аз омӯзишу фаъолияти ӯ метавон хулоса намуд, ки номбурда ҳам дар давраи Иттиҳоди Шӯравӣ комёб ва сермаҳсул буду ҳам замони соҳибистиқлолии мамлакат.

Яке аз драмаҳои даврони истиқлолият ин драмаи фоҷиавии адиби фаронсавӣ Пиер Корнел - «Сид» ба шумор меравад, ки устод Майбалиев онро соли 1995 дар Театри давлатии академӣ - драмавии Тоҷикистон ба номи Абулқосим Лоҳутӣ ба саҳна гузошт.

- «Сид» драмаи хеле мураккаб аст ва касе аз коргардонҳо таҳияи онро ба зимма намегирад. Ҳатто дар ватани муаллиф - Фаронса ҳам рӯи саҳнаро надидааст, зеро таҳияи он заҳматталаб буда, аз режиссёр истеъдоди баланд ва тахайюлоти бойро талаб мекунад,- гуфта буд номзади илмҳои санъатшиносӣ Ирина Мягкова баъд аз тамошои он.

Доктори илмҳои санъатшиносӣ, профессор Низом Нурҷонов дар тақризаш «Саҳнаи нафрату муҳаббат» («Садои мардум», 10-уми декабри соли 1997, №87 (1012) саҳ.3) навишта буд: «… Таҳияи шоҳасари классисизми асри XVII -и Франсия «Саид» («Сид»), ки таърихи ғании саҳнавӣ дораду дар саҳнаи Осиёи Миёна бори аввал гузошта шуд, кори басо душвор буд.

Асар мувофиқи қоида ва қонунҳои сахти равияи бадеии классисизм таълиф ёфта, сергапӣ, монологҳои дароз, декламасиякуниро мепарварад.

Майбалиев василаҳои театри муосирро ба кор бурда, душвориҳоро бартараф намуд. Ӯро, пеш аз ҳама, ғояҳои наҷиби классисизм, ки оҳангҳои худро дар рӯзҳои мо низ гум накардаанд, ҷалб намуданд…

… Театри ба номи Лоҳутӣ бо намоиши «Сид» («Саид») исбот кард, ки дар таҳияи классикаи ҷаҳон сухани худро гуфта, дар ин роҳ анъанаҳои пешрафтаашро инкишоф дода метавонад. Бесабаб набуд, ки дар «Парасту-97» Х. Майбалиев «Барои режиссураи беҳтарин» сазовори мукофот шуд».

Драмаи «Сид» соли 1997 дар Фестивал - озмуни театрҳои касбӣ - Парасту- 97» сазовори ду диплом - «Барои беҳтарин режиссура» (Хушназар Майбалиев) ва «Барои беҳтарин нақши занона» (Соро Сабзалиева) гардида буд. Барои дар сатҳи баланд таҳия кардани «Сид» соли 2000 - ум саррежиссёри Театри давлатии академӣ - драмавии Тоҷикистон ба номи Абулқосим Лоҳутӣ Хушназар Майбалиев бо Ҷоизаи давлатии Тоҷикистон ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ сазовор дониста шуд.

Намоиши «Фарёди ишқ» аз рӯи драмаи Ғ. Абдулло бори нахуст 15-уми сентябри соли 1975 пешкаши тамошобинон гардид. Ин фоҷиа аз 2 қисм иборат буда, онро рассом М. М. Мухин ороиш дода, оҳангҳояшро Фирӯз Баҳор эҷод намуда буд. Он ба 650-солагии вафоти Амир Хусрави Деҳлавӣ бахшида шудааст.

Азбаски «Фарёди ишқ» аҳамияти хуби тарбиявӣ дошт ва бо гузашти солҳо арзиши хешро гум накарда буд, коргардон онро чор маротиба - солҳои 1975, 1980, 1985 ва 1999 дар такмили нав ба саҳна гузошт.

Пас аз 24 сол Хушназар Майбалиев зарур шуморид, ки «Фарёди ишқ»-и Ғанӣ Абдулло аз рӯйи достони «Дувалронӣ ва Хизрхон»- ро, ки моҳияташро гум накардааст, пешкаши тамошобинон гардонад. Ҳамин тавр, соли 1999 нахустнамоиши «Фарёди ишқ» дар саҳнаи Театри давлатии академӣ - драмавии Тоҷикистон ба номи Абулқосим Лоҳутӣ бо толори пур аз тамошобинон доир гардид. Майбалиев он рӯзҳо хеле шод буд, ки асари мазкур маротибаи чорум рӯи саҳна омад. Афсӯс мехӯрд, ки муаллифи пйеса Ғанӣ Абдулло то он рӯзҳои нек ва гуворо нарасид.

Аз 16 то 24-уми июли соли 1999 дар шаҳри Душанбе Фестивал - озмуни ҷумҳуриявии театрҳои касбӣ «Парасту - 99» гузашт. Ҳайати эҷодии Театри давлатии академӣ - драмавии Тоҷикистон ба номи Абулқосим Лоҳутӣ асари мазкурро ба фестивал пешниҳод намуданд, ки аз ҷониби ҳакамон ва тамошобинон баҳои баланд гирифта, сазовори Шоҳҷоиза - «Парастуи булӯрин» (Гран - при) гардид.

Мукофотҳои давлатӣ ва ҷоизаҳои фестивал - озмунҳои даврони истиқлолияти давлатии Тоҷикистон ғамхории Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба заҳматҳои саркоргардони сермаҳсул Хушназар Майбалиев арзёбӣ мешавад, ки ба ӯ илҳом ва неруи тоза бахшид. Соли 2004 Майбалиев ба яке аз пйесаҳои муосир, вале ниҳоят мураккаби психологӣ «Сиёҳ ва сафед»-и драманависи амрикоӣ Ҷон Сартр рӯ овард. Ба мушкилиҳои эҷодӣ нигоҳ накарда, тамошобинон боз шоҳиди тамошои асари бузурги саҳнавӣ шуданд. Дар нақшҳои асосӣ Баҳодур Миралибеков ва Малоҳат Абдуллоева ҳунарнамоӣ намуданд ва ҳар баромади онҳо дар саҳна боиси хурсандӣ ва таваҷҷуҳи хосаи тамошобинон гардида буд.

Ду асари устод Майбалиев яке дар саҳнаи Театри давлатии академӣ - драмавии Тоҷикистон ба номи Абулқосим Лоҳутӣ намоиши «Бой ва хизматгор» аз рӯи асари Ҳ. Ниёзӣ (2007) ва филми бадеии «Қиссаи орзуҳои осмонӣ» (сенарияи Ғаюр Ашӯров аз рӯи асари Холмурод Шарифов, 2008) истеҳсоли идораи «Телефилм»-и Муассисаи давлатии «Телевизиони Сафина» барои татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» саҳми арзанда гузоштанд.

Заҳмати Хушназар Майбалиев барои ғанӣ гардонидани репертуари Театри давлатии академӣ - драмавии Тоҳикистон ба номи Абулқосим Лоҳутӣ ва омода намудани шогирдон дар замони соҳибистиқлолии мамлакат ҳамаҷониба қадр шуд. Дар даврони шӯравӣ танҳо ба ӯ унвони Ходими хизматнишондодаи санъати РСС Тоҷикистон дода шуд, ҳол он ки ин фидоии театри тоҷик 20 сол саррежиссёри Театри овозадори ба номи Лоҳутӣ ва 25 сол дар Донишкадаи давлатии санъати Тоҷикистон ба номи М. Турсунзода ба донишҷӯён маҳорати актёрӣ ва дарси режиссура дода, шогирдони зиёдро ба камол расонидааст.

Майбалиев яке аз таҳиягаронест, ки анъанаи басо хуби театрии Е.И. Мителманро ҳам дар театр ва ҳам дар донишкада идома дода, чун коргардони навҷӯ ва андешапарвар номашро дар санъати касбии тоҷик абадан сабт намуд.

Дар ин муддат ӯ боре кӯшиш накард, ки ягон асари дар саҳна таҳиякардаашро ба унвон ё ҷоизае пешниҳод кунад, агарчи бештарашон сазовори қадрдонӣ буданд. Соли 1976 дар шаҳри Берлини Ҷумҳурии Федеративии Германия таҳти унвони «Советские режиссёры» (бо забони немисӣ) китоб чоп шуд. Дар баробари дигар коргардонҳои бузурги театри ҷаҳонӣ, ки аз хусуси «Анъана ва навоварӣ», «Проблемаҳои имрӯза ва ояндаи театр» фикру андешаҳояшонро баён карданд, аз Осиёи Марказӣ танҳо андешаҳои Хушназар Майбалиев дар китоб ҷой дода шудааст. Дар ин бора баъди чанд сол (2008) аз ин рӯйдод қисса кард ва китобро ба муаллифи ин сатрҳо нишон дод.

Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон, барандаи Ҷоизаи давлатии Тоҷикистон, коргардони номвари тоҷик Хушназар Майбалиев дар яке аз суҳбатҳояш аз хусуси театр ва драматургияи тоҷик бо профессор Аскар Абдураҳмонов гуфта буд: «Мехоҳам, ки драматургияи миллӣ такомул ёбад ва асарҳои пурмазмуну ҷавобгӯи талаботи замона эҷод шаванд. Бисёр мехостам, ки тамошогарони тоҷик маърифати баланди фарҳангӣ дошта бошанду асарҳои саҳнавӣ, бозии ҳунарпешаҳо ва заҳматҳои таҳиягарони драмаю спектаклҳоро қадр кунанд».

Боиси хушнудист, ки бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон иқдому пешниҳоди роҳбарони Вазорати фарҳанги Тоҷикистон ва Театри давлатии академӣ - драмавии Тоҷикистон ба номи Абулқосим Лоҳутӣ Фестивал - озмуни ҷумҳуриявии театрҳои касбӣ «Парасту-2023» ба 85 - солагии Ходими хизматнишондодаи санъати РСС Тоҷикистон, барандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Рӯдакӣ Хушназар Майбалиев бахшида шуд.

**Тилло НЕКҚАДАМОВ,**
**«Садои мардум»**

ОБУНА - 2024

ОБУНА БА РӮЗНОМАИ «САДОИ МАРДУМ» - НАШРИЯИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ СОЛИ 2024 ИДОМА ДОРАД.

ТАВАССУТИ ОН «САДОИ МАРДУМ» БА ҲАР ХОНАДОНУ КОРГОҲИ КИШВАР РОҲ ЁФТА, ШУМОРО АЗ ТОЗАТАРИН ВА МУҲИМТАРИН НАВИДҲОИ ВАТАНИ АЗИЗ ВА ХОРИҶИ МАМЛАКАТ ХАБАРДОР МЕКУНАД.

НАРХИ СОЛОНАИ ОБУНА, БО ДАРНАЗАРДОШТИ АНДОЗ АЗ АРЗИШИ ИЛОВАШУДА ВА ХИЗМАТРАСОНИИ МУАССИСАҲОИ АЛОҚАИ ПОЧТА, БАРОИ ЯК НУСХА 196 СОМОНӢ МУҚАРРАР ШУДААСТ.

*Суроға: 734018, шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдӣ Шерозӣ - 16 (ошёнаи 6). Нишонӣ ва ҳисоби бонкии рӯзномаи «Садои мардум»: с/ҳ 20202972701904102000; ҳ/м 20402972316264; БИК 350101626; РМА 030004877; Шуъбаи №2 БДА Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк» дар шаҳри Душанбе. Индекси обуна: 68852. Телефонҳо барои маълумот: 238- 53- 71, 238- 53- 49, 238- 54- 57.*

*Обуна дар идораи рӯзнома, муассисаҳои алоқаи почтаи шаҳру ноҳияҳои кишвар қабул шуда, пешоҳангон, ҳамчунин, шахсони алоҳидае, ки бо идораи рӯзнома шартнома баста, дар ин кор саҳм мегиранд, қадрдонӣ мегарданд.*

**БА ТАВАҶҶУҲИ ПУДРАТЧИЁН ВА МОЛРАСОНҲО!**

# ДАЪВАТНОМАИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУНИ ХАРИД

**Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - мақомоти ваколатдор) ва ташкилотҳои харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:**

| т/р | № ДИО | Ташкилоти харидор | Мавзӯи харид | Усули харид | Навъи харид | Миқдори номгӯй | Санаи анҷоми қабули дархостҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 418981 | Коллеҷи ҷумҳуриявии рассомии ба номи М. Олимов | Таъмири ҷорӣи бинои таълимӣ ва бинои нигористони қитъаи таълимии муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 04.12.2023 15:15:00 |
| 2 | 418999 | Муассисаи давлатии «Кумаки аввалияи тиббӣ-санитарӣ»-и ноҳияи Рӯдакӣ | Сохтмони бунгоҳи ёрии таъҷилӣ дар ҳудуди «Маркази саломатӣ»-и ноҳияи Рӯдакӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 07.12.2023 10:00:00 |
| 3 | 419001 | Пажӯҳишгоҳи илмӣ - клиникии стоматология ва ҷарроҳии ҷоғу рӯй | Корҳои таъмирӣ дар бинои пажӯҳишгоҳ, воқеъ дар шаҳри Душанбе | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 07.12.2023 10:30:00 |
| 4 | 419002 | КВД «Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк» | Банкомат | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 2 | 11.12.2023 11:05:00 |
| 5 | 418983 | Муассисаи байнидавлатии таҳсилоти олии «Донишгоҳи (славянии) Россия -Тоҷикистон | Молҳои хоҷагидорӣ, молҳои нарм, аппарати телефон ва картриҷ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 33 | 15.12.2023 17:15:00 |
| 6 | 418985 | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №12 ба номи Ю. Бойзоқови шаҳри Исфара | Доскаи электронӣ, компютер, проектор, кабел ва тиргак (подставка) барои проектор | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 4 | 15.12.2023 18:10:00 |
| 7 | 418986 | Раёсати маорифи шаҳри Исфара | Техникаи маишӣ, техникаи идоравӣ, курсӣ барои роҳбар ва сейф | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 9 | 15.12.2023 18:15:00 |
| 8 | 418989 | Шуъбаи маорифи шаҳри Панҷакент | Харита, проектор, ноқил, компютер, тахтаи электронӣ ва кронштейн | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 23 | 15.12.2023 19:20:00 |
| 9 | 418990 | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №27 ба номи М.Ҷӯраеви шаҳри Исфара | Лавозимоти мактабӣ, таҷҳизот ва мебел | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 116 | 15.12.2023 19:35:00 |
| 10 | 418997 | Беморхонаи клиникавии вилояти Суғд | Доруворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 29 | 18.12.2023 02:02:02 |
| 11 | 418996 | Беморхонаи клиникавии вилояти Суғд | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 21 | 18.12.2023 08:08:08 |
| 12 | 418984 | Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон | Молҳои канселярӣ, хоҷагидорӣ, сантехникӣ, масрафшаванда, картриҷ ва зарф | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 94 | 18.12.2023 08:30:00 |
| 13 | 418998 | Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино | Реагенти лабораторӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 18.12.2023 08:35:59 |
| 14 | 419000 | Муассисаи давлатии таълимии «Коллеҷи оташнишонӣ-техникӣ»-и Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳияи Данғара | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 7 | 18.12.2023 10:05:20 |
| 15 | 418991 | Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | Қисмҳои эҳтиётии воситаҳои нақлиёт | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 156 | 18.12.2023 10:10:00 |
| 16 | 418993 | Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | Барномаи зиддивирусӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 18.12.2023 10:30:00 |
| 17 | 418992 | Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | Туҳфаҳои хотиравӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 5 | 18.12.2023 10:30:27 |
| 18 | 418995 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Молҳои хоҷагидорӣ, барқӣ, сантехникӣ, масолеҳи сохтмонӣ, молҳои нарм, масрафшаванда барои компютер ва принтер | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 96 | 18.12.2023 10:40:00 |
| 19 | 419006 | Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Харид ва васли лавҳа, расм ва овеза | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 9 | 18.12.2023 11:40:00 |
| 20 | 419005 | Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | Муҷаҳҳаз кардани контейнери металлӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Хизматрасонӣ | 1 | 18.12.2023 11:45:00 |
| 21 | 419007 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Сӯзишвории дизелӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 18.12.2023 11:47:47 |
| 22 | 419003 | Муассисаи давлатии «Маҷмӯи меҳмонхонаҳо»-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | Молҳои хоҷагидорӣ, сантехникӣ, электронӣ, гигиенӣ, либоси махсуси корӣ, молҳои нарм ва мулоим, таҷҳизот ва поруи органикӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 180 | 18.12.2023 11:50:00 |
| 23 | 419004 | Муассисаҳои кумаки аввалияи тиббӣ - санитарии ноҳияи Нуробод | Мебел, техникаи маишӣ ва таҷҳизоти тиббӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 9 | 18.12.2023 12:00:45 |
| 24 | 419008 | Корхонаи фаръии «Шахтаи Фон - Яғноб»-и Корхонаи воҳиди давлатии «Ангишти Тоҷик» | Бензин ва сӯзишвории дизелӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 2 | 18.12.2023 14:00:00 |

Озмунҳои харид дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **https://eprocurement.gov.tj** баргузор мегарданд.

Довталабон барои иштирок дар озмунҳо бояд дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шаванд. Бақайдгирӣ ройгон анҷом дода шуда, довталабон метавонанд барои кумак барои бақайдгирӣ ва иштирок дар озмунҳо ба Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портал муроҷиат намоянд.

Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт тавассути филиалҳои БДА «Амонатбонк» ё барномаи мобилии «Амонатмобайл», ҳуҷҷатҳои тендерии худро бояд то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Муҳлати муқарраршуда муҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставели - 22.**

Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: 446000304.

## РӮЙХАТИ МАНСАБҲОИ ХОЛИИ МАЪМУРИИ ХИЗМАТИ ДАВЛАТӢ ДАР КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

| № | Номгӯйи мансабҳои холӣ | Талаботи тахассусӣ | Музди меҳнат |
|---|---|---|---|
| 1 | Муовини сардори Раёсати ҳуқуқ | Олии ҳуқуқшиносӣ ва дорои қобилияти кор бо технологияҳои муосири электронӣ | 2711 сомонӣ |
| 2 | Сармутахассиси шуъбаи ҳамкориҳои хориҷӣ | Олии иқтисодӣ, гуманитарӣ, муносибатҳои байналмилалӣ, ҳуқуқшиносӣ, мутахассисони соҳаи идоракунии давлатӣ ва мутахассисони касбии дорои қобилияти кор бо технологияҳои муосири электронӣ | 1660 сомонӣ |
| 3 | Сармутахассиси шуъбаи назорат | Олии иқтисодӣ, гуманитарӣ, муносибатҳои байналмилалӣ, ҳуқуқшиносӣ, мутахассисони соҳаи идоракунии давлатӣ ва мутахассисони касбии дорои қобилияти кор бо технологияҳои муосири электронӣ | 1660 сомонӣ |
| 4 | Сармутахассиси Раёсати таҳлил | Олии иқтисодӣ, гуманитарӣ, муносибатҳои байналмилалӣ, ҳуқуқшиносӣ, мутахассисони соҳаи идоракунии давлатӣ ва мутахассисони касбии дорои қобилияти кор бо технологияҳои муосири электронӣ | 1660 сомонӣ |
| 5 | Сармутахассиси шуъбаи мониторинги санҷишҳо | Олии иқтисодӣ, гуманитарӣ, муносибатҳои байналмилалӣ, ҳуқуқшиносӣ, мутахассисони соҳаи идоракунии давлатӣ ва мутахассисони касбии дорои қобилияти кор бо технологияҳои муосири электронӣ | 1660 сомонӣ |
| 6 | Сармутахассиси Раёсати ҳуқуқ (2 воҳиди корӣ) | Олии ҳуқуқшиносӣ ва дорои қобилияти кор бо технологияҳои муосири электронӣ | 1660 сомонӣ |
| 7 | Сармутахассиси Раёсати дастгирии соҳибкорӣ | Олии иқтисодӣ, гуманитарӣ, муносибатҳои байналмилалӣ, ҳуқуқшиносӣ, мутахассисони соҳаи идоракунии давлатӣ ва мутахассисони касбии дорои қобилияти кор бо технологияҳои муосири электронӣ | 1660 сомонӣ |
| 8 | Сармутахассиси шуъбаи молия ва хоҷагӣ | Олии иқтисодӣ, муҳосибӣ ва дорои қобилияти кор бо технологияҳои муосири электронӣ | 1660 сомонӣ |
| 9 | Мутахассиси пешбари Раёсати сармоягузории давлатӣ (2 воҳиди корӣ) | Олии иқтисодӣ, ҳуқуқшинос, сиёсатшинос, сотсиолог, соҳаи гуманитарӣ дорои қобилияти кор бо технологияҳои муосири электронӣ | 1352 сомонӣ |
| 10 | Мутахассиси пешбари шуъбаи назорат | Олии иқтисодӣ, муносибатҳои байналмилалӣ, ҳуқуқшиносӣ, соҳаи гуманитарӣ, мутахассисони соҳаи идоракунии давлатӣ ва мутахассисони касбии дорои қобилияти кор бо технологияҳои муосири электронӣ | 1352 сомонӣ |
| 11 | Мутахассиси пешбари шуъбаи мониторинги санҷишҳо | Олии иқтисодӣ, муносибатҳои байналмилалӣ, ҳуқуқшиносӣ, соҳаи гуманитарӣ, мутахассисони соҳаи идоракунии давлатӣ ва мутахассисони касбии дорои қобилияти кор бо технологияҳои муосири электронӣ | 1352 сомонӣ |
| 12 | Мутахассиси шуъбаи ҳамкориҳои хориҷӣ | Олии иқтисодӣ, гуманитарӣ, муносибатҳои байналмилалӣ, ҳуқуқшиносӣ, мутахассисони соҳаи идоракунии давлатӣ ва мутахассисони касбии дорои қобилияти кор бо технологияҳои муосири электронӣ | 1112 сомонӣ |

**Барои иштирок дар озмун ҳуҷҷатҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:**

- ариза ба унвони раиси кумита;
- варақаи шахсии баҳисобгирии кадрҳо;
- тарҷумаи ҳол;
- 4 дона сурат (2 дона 4х6, 2 дона 3х4);
- нусхаи ҳуҷҷати тасдиқкунандаи таҳсилот;
- нусхаи дафтарчаи меҳнатӣ (ба ғайр аз ҳолатҳое, ки шахс собиқаи меҳнатӣ надорад);
- нусхаи шиноснома;
- нусхаи гувоҳномаи рақами мушаххаси андозсупоранда;
- нусхаи СИН;
- маълумотнома оиди надоштани доғи судӣ;
- маълумотнома оид ба вазъи саломатии шакли 038;
- маълумот дар бораи даромад ва вазъи молу мулк;
- нусхаи дафтарчаи ҳарбӣ (барои шахсоне, ки хизмати ҳарбиро адо намудаанд);
- маълумотнома (объективка) аз ҷойи кор.

Барои ишғоли мансабҳои муовини сардори Раёсат 5 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 6 сол собиқаи умумӣ меҳнатӣ, сармутахассис 2 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 3 сол собиқаи умумии меҳнатӣ, мутахассиси пешбар 1 сол собиқаи умумии меҳнатӣ муқаррар карда шудааст.

Малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ, донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ ва барои ишғоли мансабҳои соҳаи сармоягузорӣ донистани забони хориҷӣ ҳатмист.

Муҳлати пешниҳоди ҳуҷҷатҳо - 21 рӯз аз рӯзи нашри эълон.

**Суроғаи қабули ҳуҷҷатҳо:** шаҳри Душанбе, кӯчаи Шоҳтемур-27, шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҳуҷраҳои 49, 50).

**Телефонҳо барои тамос:** 221-73-36, 221- 47-68.

Маълумоти мукаммал дар сомонаи расмии кумита **www.investcom.tj** ҷойгир карда шудааст.

## РЕСПУБЛИКА ТАДЖИКИСТАН
### ГОСУДАРСТВЕННОЕ УЧРЕЖДЕНИЕ «ЦЕНТР УПРАВЛЕНИЯ ПРОЕКТОМ ПО УПРАВЛЕНИЮ ВОДНЫМИ РЕСУРСАМИ ФЕРГАНСКОЙ ДОЛИНЫ»
### ПРОЕКТ ПО УСОВЕРШЕНСТВОВАНИЮ УПРАВЛЕНИЯ ВОДНЫМИ РЕСУРСАМИ И ИРРИГАЦИЕЙ (ПУУВРИ)
### ГРАНТ №: IDA E0790-TJ
### ГРАНТ №: EU TFOB 8740-TJ
### ПРИГЛАШЕНИЕ НА УЧАСТИЕ В КОНКУРСЕ НА ЗАМЕЩЕНИЕ ВАКАНТНОЙ ДОЛЖНОСТИ

Республика Таджикистан получила финансирование от Всемирного банка для покрытия расходов по проекту по усовершенствованию управления водными ресурсами и ирригацией (ПУУВРИТ).

Проект состоит из четырех компонентов: (i) Реформа водного сектора и институциональное укрепление, (ii) улучшение ирригационных систем, (iii) управление проектом; и (iv) компонент чрезвычайного реагирования. Реализующим агентством является Центр управления проектом (ЦУП) при АМИ (ЦУП ПУВРФД) и Группа реализации проекта (ГРП) при МЭВР.

Целями развития проекта являются: (i) наращивание потенциала в области планирования водных ресурсов и управления ирригацией в Таджикистане на национальном и бассейновом уровнях; и (ii) повышение эффективности отдельных ирригационных систем в бассейнах рек Вахш и Заравшан. В рамках проекта намеревается создание рабочих мест и ГУ ЦУП «УВРФД» объявляет конкурс на замещение следующей вакантной должности: Координатор проекта/Главный инженер по Бохтар

**Квалификационные требования**

● Диплом университета в области гидро инженерно-технической области, экономики и сельского хозяйства;
● По крайней мере, 5 лет опыта работы координации проекта;
● Опыт взаимодействия с местными властями и общинами;
● Хорошее знание местных условий; хорошие управленческие навыки;
● Полное владение и работа с текстовыми и табличными программами;
● Высокое чувство ответственности, готовность брать на себя инициативу, отличные коммуникативные навыки и командный дух являются важными факторами, честность и порядочность.
● Свободное владение таджикским и русским языками, знание английского языка желательно.

Для получения информации о квалификационных требованиях и дополнительной информации заинтересованным участникам будет представлено по адресу: г. Душанбе, ул. Шамси - 5/1 (здание Министерства энергетики и водных ресурсов, левое крыло, 9 этаж, офис ЦУП УВРФД) или по электронной почте: **fvwrmp@mail.ru.**

Заинтересованные лица должны представить полный комплект перечисленных ниже документов в запечатанном пакете с обязательным указанием вакантной должности;

● Заявление на участие в конкурсе;
● Резюме (CV) обязательно на английском и на русском языке;
● Копия диплома об образовании (оригинал);
● Копия паспорта;
● Рекомендательные письма;
● Копии сертификатов о дополнительном образовании (при наличии).

Документы представляются по адресу: г. Душанбе, ул. Шамси - 5/1 (здание Министерства энергетики и водных ресурсов, левое крыло, 9-й этаж, офис ЦУП УВРФД или по электронной почте: **fvwrmp@mail.ru).**

Окончательный срок представления документов 11.12.2023 г. до $16^{00}$ часов по местному времени. Неполный пакет документов, а также документы, поданные после указанного срока, не будут рассматриваться.

Только те кандидаты, которые отвечают квалификационным требованиям, попадут в короткий список и будут приглашены на собеседование.

# Э Ъ Л О Н

**АЗ НОМИ СУДИ ОИЛАВИИ 24, Ҷумҳурии Туркия, АНҚАРА**

| | |
|---|---|
| **ПАРВАНДАИ** | **№ 2021/397** |
| **ДАЪВОГАР:** | **АҲМЕТ АЯН** |
| **ҶАВОБГАР:** | **САЛОМАТ АЯН (ШЕРОВА)** |
| **НАМУДИ ДАЪВО:** | **ҚАТЪИ НИКОҲ** |

Мутобиқи даъвои қатъи никоҳ, ки аз ҷониби даъвогар Аҳмет Аян ба муқобили ҷавобгар Саломат Аян (Шерова) пешниҳод шудааст, аз ҷониби суди мо ба ҷавобгар Саломат Аян (Шерова) ба суроғаи Башпинар Маҳ. 1109/1, сок. №87 Алтиндағ-Анқара даъватнома фиристода шуд. Тибқи таҳқиқот, даъватнома ба ҷавобгар Саломат Аян (Шерова) дар суроғаи зиркгардида нарасидааст. Аз ин рӯ, қарор гирифта шуд, ки ба ҷавобгар Саломат Аян (Шерова) даъватномаи такрорӣ фиристода шавад.

**ЭЪЛОН КАРДА МЕШАВАД, ки муҳокима 30-юми январи соли 2024, соати $10^{05}$ дақиқа баргузор мегардад**. Аз ин рӯ, барои бо роҳи сулҳона ҳал намудан омодагӣ дида шавад. Дар ҳолати ҳозир нашудани як тараф ва хоҳиши давом додани муҳокимаро доштани тарафи дигар, дар ғоибии тарафи ҳузурнадошта муҳокима баргузор мегардад ва нисбати натиҷаи он эътироз оварда намешавад.

Аз лаҳзаи эълони даъватномаи мазкур дар давоми ду ҳафта ҳуҷҷатҳои дар аризаҳои худ дарҷгардида, вале ҳанӯз пешниҳоднагардида, ба суд пешниҳод карда шаванд ва ё вобаста ба пешниҳод гардидани ҳуҷҷатҳо аз дигар ҷойҳо шарҳи зарурӣ пешниҳод карда шавад. Дар ҳолати дар муҳлати муқарраргардида пешниҳод нагардидани ҳуҷҷатҳо, аз истинод овардан ба он далелҳо даст кашидашуда ҳисобида мешавад. Эълони мазкур тибқи моддаи 139 Қонуни Судҳои Ҳуқуқӣ ба ҷои огоҳинома қабул карда мешавад.

**15-уми сентябри соли 2023**.

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

✓ Шаҳодатномаи хатми таҳсилоти миёнаи умумии №591452-и гумшуда, ки онро МТМУ №45-и ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе соли 1978 ба Раҳимова Сайёра Ҳусеновна додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатнома, Иқтибос ва РМА-и гумшудаи ҶДММ «РУСАФ», ки дар Нозироти андози ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе ба қайди давлатӣ гирифта шудааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати гумшуда, ки онро Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №95-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе соли 2001 ба Давлатова Парвина Раджабалиевна додааст, эътибор надорад.

✓ Дафтари ҳавлии гумшуда, ки онро ШВКД-2 дар ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, гузаргоҳи 3-юми кӯчаи Айнӣ, бинои 3, хонаи 34 ба Бурхонов Хурсандбек Махмадуллоевич додааст, эътибор надорад.

✓ Патенти гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Исмоили Сомонӣ ба Рузизода Санавбар (РМА 325637525) додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии гумшудаи хонаи истиқоматӣ, ки онро КДФ «БММҒ» дар ноҳияи Рӯдакӣ бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, Ҷамоати деҳоти Сарикиштӣ, деҳаи Конститутсия ба Шарбатова Робиамоҳ Раҳматовна додааст, эътибор надорад.

✓ Дипломи гумшуда бо силсилаи №0000957, ки онро Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон соли 2020 ба Файзиев Эҳсон Идибекович додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати гумшуда бо силсилаи ТАТУ № 0097512, ки онро Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №7-и ноҳияи Файзобод соли 2014 ба Қодирова Шоира Музаффаровна додааст, эътибор надорад.

✓ Дафтарчаи имтиҳонии гумшуда, ки онро Донишгоҳи славянии Россия-Тоҷикистон соли 2022 ба Абдулхаев Сохибджон Джамшедович додааст, эътибор надорад.

## БАРҲАМ МЕХӮРАД

✓ Кооперативи тиҷоратии «Пайванд 2004» (РЯМ 2010005535), ки 23-юми феврали соли 2016 дар Нозироти андози ноҳияи Фархор ба қайди давлатӣ гирифта шудааст, фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

✓ ҶДММ «РУСАФ» (РМА 010096447) фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

Садои мардум

Конститутсия - кафолати ҳуқуқи инсон ва волоияти қонун

**Муассис: Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Муовини якуми сармуҳаррир Абдухолиқ МИРЗОЕВ**

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод» чоп шудааст.

**ИНДЕКСИ ОБУНА 68852**

**ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:**
*Абдухолиқ Мирзоев, Далер Абдулло, Ориф Ёдгоров, Сайфиддин Суннатов, Шариф Атобуллоев, Фарзона Файзалиева, Фарухнда Абдулҳакимова.*

**НИШОНИИ МО:** шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. **ТЕЛЕФОНҲО:** қабулгоҳ 238- 53- 71; Сармуҳаррир факс 221- 36- 04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус 238- 53- 56; муовин 238- 54- 52; котибот 238- 59- 32; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва ҳуқуқ 238- 58- 95; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва сиёсати иҷтимоӣ 238- 52- 97; шуъбаи фарҳанг, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва регламент 238- 58- 93; муҳаррири шуъбаи мактубҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа 238- 58- 91; муҳосибот 238- 53- 49; шуъбаи обуна, қабули эълонҳо ва техникӣ 238- 54- 57; мухбирони махсуси музофотӣ дар ВМКБ 93- 355- 51- 03, 93- 458- 65- 69, Бохтар 919- 67- 88- 78, Кӯлоб 985- 82- 81- 97, Хуҷанд 92- 773- 28- 76, 92- 771- 76- 72, водии Зарафшон 93- 535- 06- 66, ноҳияҳои минтақаи Рашт ва ноҳияи Сангвор 918- 68- 40- 17, НТМ 000- 03- 03- 80.
**МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ:** www.sadoimardum. tj **ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО:** sadoimardum@yandex.ru

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

*Ба чопаш 27 ноябри соли 2023, соати 16:20 иҷозат дода шуд. Адади нашр 34485 нусха*

**Навбатдори шумора Ш. Абдулвоҳидова**

**Тарроҳони компютерӣ Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров**

**Рӯзномаи «Садои мардум» 30- юми октябри соли 2022 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 332/РЗ 97**